*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №37-38 (2864-2865) | СЕШАНБЕ, 3 АПРЕЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## Ҷаласаи навбатии Ҳукумат

**30 марти соли 2012 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар маҷлиси навбатӣ нахуст ҳисоботи вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушди саноати хӯрокворӣ шунида шуд. Тавре зикр гардид, бо шарофати Истиқлолияти давлатии кишвар ва афзалият додан ба соҳибкории хусусӣ шумораи корхонаҳои саноатӣ аз 94 адади соли 1991 то соли 2010 ба зиёда аз 600 адад расидааст. Танҳо дар солҳои 2006-2011 бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ 394 корхонаи нав бунёд ёфтааст, ки дар онҳо барои 7300 нафар ҷойи корӣ муҳайё гардид. Соли 2011 дар ҳаҷми 2 миллиарду 74 миллион сомонӣ маҳсулоти саноати хӯрокворӣ истеҳсол шудааст, ки нисбат ба соли 1996-ум 43 баробар зиёд аст. Навсозии корхонаҳои мавҷуда ва бо технологияҳои муосир муҷаҳҳаз кардани онҳо низ аз соли 2006 ба ин сӯ авҷ гирифтааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки барои дастгирии соҳибкории хусусӣ, бунёди корхонаҳои нави саноатӣ, навсозии технологии корхонаҳои мавҷуда, васеъ ба роҳ мондани коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, боло бурдани иқтидори содиротии кишвар ва муҳайёсозии ҷойҳои нави корӣ аз тамоми имкону захираҳо истифода карда шавад.

Сипас, ҳисоботи раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон доир ба тадбирҳои беҳсозии вазъи мелиоративии заминҳои обёришаванда барои солҳои 2010-2014 шунида шуд.

Тавре зикр гардид, тайи солҳои 2010-2011 дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ҳолати мелиоративии 1370 гектар замини обӣ тавассути тоза кардани каналҳо ва заҳбуру заҳкашҳо беҳтар карда шуд. -Бо вуҷуди ин, мушкилоти зиёд барои беҳсозии ҳолати иншооти дигари мелиоративӣ ва паст кардани сатҳи оби зеризаминӣ дар як қатор хоҷагию ҷамоатҳо боқӣ мемонад, - таъкид гардид дар ҳисобот.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарони сохторҳои марбутаи ҷумҳуриявию маҳаллӣ барои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта дар соҳаи мелиоратсияи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, аз ҷумла барқарор намудани пойгоҳҳои барқии обкашӣ, супоришҳои мушаххас дод.

Низомномаи докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD), Барномаи давлатии рушди соҳаи картошкапарварӣ барои солҳои 2012-2016 ва Барномаи миллии пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи диабети қанд барои солҳои 2012-2017 тасдиқ карда шуд.

Тавре иттилоъ дода шуд, ҳадафи асосии Барномаи давлатии рушди соҳаи картошкапарварӣ тавассути зиёд намудани майдони кишт ва ҳосилнокии картошка ба зиёда аз 1 миллион тонна расондани истеҳсоли он то соли 2016 мебошад. Бо татбиқи босамари ин барнома Тоҷикистон дар ин муддат бояд на танҳо талаботи афзояндаи бозори дохилиро бо ин маҳсулот пурра таъмин созад, балки ба хориҷа ҳам содир намояд.

Дар робита ба пешгирии бемории қанд Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, ки кам кардани истеъмоли хӯрокҳои серғизо, бештар машғул шудан ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ва бурдани тарзи ҳаёти солим аз ҷумлаи роҳҳои асосии пешгирии он аст. Аз ин хотир таъкид гардид, ки бурдани тарзи ҳаёти солим ва дуруст ба роҳ мондани истеъмоли ғизо дар миёни аҳолӣ тарғибу ташвиқ карда шавад.

Лоиҳаи як қатор санадҳои қонунгузорӣ ва хулосаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба санадҳои амалкунандаи қонунгузорӣ маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд. Тағйиру иловаҳо, аз ҷумла ба қонунҳо «Дар бораи истифодабарии дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ», «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» ва ба Кодекси замин пешниҳод карда шуд. Ҳамчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ» маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Кодекси шаҳрсозии Тоҷикистон, Нақшаи генералии маркази ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияи Шӯрободи вилояти Хатлон, шаҳраки Ғарми ноҳияи Рашт, шаҳраки Ваҳдати ноҳияи Ҷиргатол тасдиқ карда шуд.

Дар фароварди маҷлис Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон доир ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолият дар се моҳи аввали соли равон ва сарфакорона истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ва воситаҳои моддии давлатӣ дастуру ҳидоятҳо дод.

*www.prezident.tj*

## Мулоқот бо Ҷеймс Маттис

**31 марти соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон фармондеҳи Фармондеҳии марказии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷеймс Маттисро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масъалаҳои вобаста ба ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону Амрико баррасӣ шуд.

Бо изҳори қаноатмандӣ аз ҳамгироии судбахши сохторҳои низомию амниятии ду кишвар дар мубориза байналмилалӣ бар зидди терроризму ифротгароӣ, ҳамзамон роҳҳои таҳким ва густариши ҳамкории минбаъда муҳокима гардид.

«Тоҷикистон ҳамоно хоҳони тавсиаи бештари ҳамёрӣ бо Амрико дар бахшҳои гуногуни амниятӣ ва таҳкими сулҳу субот дар минтақа мебошад» - изҳор намуд зимни сӯҳбат Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон.

Ҷеймс Маттис ба нақши Тоҷикистон дар мусоидат ба неруҳои байналмилалии посдори сулҳ дар Афғонистон ва ҳам дар бозсозии иқтисодиёти ин кишвар баҳои баланд дода, ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми кишвари мо арзи сипосу қадрдонӣ кард.

Таъкид гардид, бо назардошти нақши буферии Тоҷикистон дар пешгирӣ аз паҳншавии хатарҳои терроризму ифротгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир Амрико, минбаъд низ кӯмакҳои худро ба неруҳои марзбонӣ ва дигар сохторҳои низомию амниятии дахлдори кишвари мо дареғ намедорад, пеш аз ҳама барои тақвият додани заминаи моддию техникии онҳо. Аҳамияти густариши чунин ҳамкорӣ, хусусан аз соли 2014 ё худ пас аз хурӯҷи неруҳои посдори сулҳ аз Афғонистон калон арзёбӣ гардид.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба авзои иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон ва кишварҳои ҳамсояи он, роҳҳои густариши ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ сурат гирифт.

*www.prezident.tj*

**● Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**

## Қонунҳо ҷонибдорӣ гардиданд, ҳисоботи Прокурори генералӣ ба инобат гирифта шуд

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**РАИС:**- Ба баррасии шумо масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» пешниҳод карда мешавад.

Сухан оид ба ин масъала ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия мӯҳтарам Авзалов Ғайбулло Саидович дода мешавад. Марҳамат.

**Ғайбулло АВЗАЛОВ:- Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2011 қабул намудааст.

Мақсад аз қабули қонуни мазкур мутобиқ намудани Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», инчунин ислоҳи камбудиҳои дорои хусусиятҳои техникӣ, имлоӣ ва забонӣ мебошад.

Мувофиқи қонуни мазкур, ба як қатор моддаҳои қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Аз ҷумла ба қонуни амалкунанда моддаи нави 221 илова гардидааст, ки мувофиқи он минбаъд рекламадиҳанда, истеҳсолкунанда ва паҳнкунандаи реклама ҳуқуқ дорад бо ариза оид ба пурра ва қисман бекор кардани қарори мақоми ваколатдори давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд муроҷиат намояд. Инчунин қисми якуми моддаи 13 қонуни амалкунанда дар таҳрири нав ифода ёфтааст, ки мутобиқи он минбаъд, бе ризоияти дорандагони ҳуқуқҳои молумулкии муаллиф, дар таркиби асарҳои аудиовизуалӣ ҷойгир намудани реклама манъ аст.

Ҳамзамон бо мақсади мутобиқ намудани мазмуну мундариҷаи баъзе аз калимаҳои дар қонуни амалкунанда дарҷгардида ба талаботи забони адабии тоҷикӣ ва истилоҳоти ҳуқуқӣ, аз ҷумла «муҳити зист ё иззати нафс, шараф ё шӯҳрати меҳнатии», «қатъ», «амволи», «саҳмгузорӣ», «волидон», «Созмонҳои», «қонуншикании» ва ғайраҳо ба калимаҳои «тарзи ҳаёт, шаъну шараф ё эътибори кории», «манъ», «молу мулки», «сарпараст», «падару модар», «Ташкилотҳои», «ҳуқуқвайронкунии» ва ғайраҳо иваз карда шудаанд.



Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** -Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем ва аз Ғайбулло Саидович хоҳиш менамоем, ки ахбори худро пешниҳод намоянд. Марҳамат.

**Ғайбулло АВЗАЛОВ:- Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2011 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади ҷалб намудани сармояи хориҷӣ, ворид намудани таҷҳизот ва техникаи нав ба ҷумҳурӣ ва зиёд намудани содироти маҳсулоти рақобатпазир ба хориҷи кишвар қабул гардидааст. Тибқи қонуни мазкур банди 2) қисми 2 моддаи 211 Кодекси амалкунанда дар таҳрири нав ифода ёфтааст, ки мутобиқи он минбаъд хизматрасонии молиявӣ, аз ҷумла таҳвили молу мулки моддии истеҳлокшаванда ба истиснои молу мулки ғайриманқул, автомобилҳои сабукрав ва мебел, аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.

Ғайр аз ин, бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ мутобиқи қонуни мазкур ба банди 4) қисми 4 моддаи 211 кодекси амалкунанда як қатор иловаҳо ворид карда шудааст. Тибқи ин иловаҳо, воридоти дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) амалигардидаи таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии онҳо, ки ба Номгӯйи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшаванда дохиланд, дар ҳама ҳолат ва бемӯҳлат аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.

Бо назардошти ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонуни мазкур кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** -Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» мебошад. Марҳамат, Ғайбулло Саидович.

**Ғайбулло АВЗАЛОВ:- Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2011 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудани Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» бо муқаррароти талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва бо мақсади баробарҳуқуқ ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин созмони байналмилалӣ қабул гардидааст. Бо ин мақсад ба моддаҳои 4, 10 ва 13 қонуни амалкунанда тағйирот ворид карда шудааст. Аз ҷумла бо мақсади такмилсозии қонуни амалкунанда дар сархати шашуми моддаи 4 тағйирот ворид гардида, қисми 4 моддаи 10 дар таҳрири нав ифода ёфта, қисми 5 моддаи 10 хориҷ гардидааст.

Ғайр аз ин, бо мақсади мутобиқ гардонидани қонуни амалкунанда ба талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, аз қисми якуми моддаи 13 ҷумлаи сеюм хориҷ карда шудааст.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Ғайбулло Саидович.

**Ғайбулло АВЗАЛОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҷиҳати иҷрои шартҳои дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва такмили низоми хариди давлатӣ қабул гардидааст.

Бо тағйиру иловаҳои мазкур меъёрҳои устувори ҳадди камтарини маблағи харид, хориҷ кардани ҳадди баландтарини маблағи харид, муайян намудани номгӯйи ҳолатҳои мушаххас барои истифодаи усули «дархости нархнома», пурзӯр намудани ваколатҳои назоратии мақомоти ваколатдор, ҳимояи ҳуқуқҳои иштирокчиёни расмиёти хариди давлатӣ ва аз байн бурдани баъзе мухолифатҳо дар таҳрири ҷории қонун пешбинӣ шудааст.

**(Идома дар саҳ. 2)**



Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**2 апрели соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Шӯро тасдиқ шуд.

Раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия А.Катаев, оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон М.Ватанов, раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор А.Имомов ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон М.Ҷабборова масъалаҳои зерини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи доир намудани муҳокимаи ошкорои парламентӣ «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2011 вобаста ба татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012»-ро ба муҳокимаи Шӯро пешниҳод намуда, тавзеҳ доданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти фикру мулоҳизаҳои баёншуда, аз рӯйи масъалаҳои мазкур таври алоҳида қарорҳо қабул карда, масъалаҳои номбурдаро ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод намуд.

Ҳамзамон қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қабул шуданд.

Дар ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин дигар масъалаҳои марбути фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

# Қонунҳо ҷонибдорӣ гардиданд, ҳисоботи

(Идома аз саҳ. 1)

Ҳамчунин бо мақсади иҷрои шартҳои дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо имтиёзҳо барои молрасони (пудратчиёни) дохилӣ бекор карда шуда, бар ивази он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардани қоидаҳои реҷаи мусоидаткунанда барои молистеҳсолкунандагони ватанӣ пешниҳод мегардад.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» мебошад. Марҳамат, Ғайбулло Саидович.

**Ғайбулло АВЗАЛОВ: -Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 марти соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро муайян намуда, ба ташаккул ва рушди бозори хизматрасонии маблағгузории хурд ва дастгирии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Қонун аз 7 боб ва 32 модда иборат буда, дар бобҳои 1 ва 2-юми он мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муносибати ташкилотҳои маблағгузории хурд бо муштариён, иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) ташкилотҳои маблағгузорӣ, таъсиси филиалҳо, намояндагиҳо ва воҳидҳои дигари сохтории ташкилотҳои маблағгузории хурд, сармояи оинномавӣ, идоракунии ташкилоти амонатии қарзии хурд ва ташкилоти қарзии хурд, молу мулки фонди қарзии хурд, идоракунии фонди қарзии хурд, шӯрои парасторони фонди қарзии хурд, мақоми иҷроияи фонди қарзии хурд, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои маблағгузории хурд ба таври пурра дарҷ гардидааст.

Бобҳои 3 ва 4 иҷозатномадиҳии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, асосҳо барои надодани иҷозатнома, бозхонди иҷозатнома, ҳаққи хизмати баррасии дархост ва хироҷи иҷозатномадиҳӣ, феҳристи ташкилотҳои маблағгузории хурд, доираи фаъолият, фаъолияти ташкилоти қарзии хурд ва фонди қарзии хурдро дар бар мегирад.

Бонки миллии Тоҷикистон мақоми танзим ва назоратии ташкилотҳои маблағгузории хурд ба ҳисоб рафта, муқарраркунандаи меъёрҳои мақбул, назорат ва санҷиш, чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ, махфият, соли молиявӣ ва аудитро бобҳои 5 ва 6 инъикос менамояд.

Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонуни мазкур, дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 17 майи соли 2004 ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро боби 7 ба танзим медарорад.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо» шурӯъ менамоем.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология мӯҳтарам Гулмаҳмадов Давлатшо Қурбоналиевич дода мешавад. Марҳамат.



**Давлатшо ГУЛМАҲМАДОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**



Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2011 қабул намудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо» асосҳои фаъолияти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилиро дар соҳаи муҳофизати растаниҳо аз зараррасонҳо, касалиҳо ва алафҳои бегонаи зироатҳои кишоварзӣ, дарахтони мевадиҳанда, ороишию ҷангалӣ, растаниҳои табобатӣ муайян намуда, ҳангоми амалӣ кардани чорабиниҳои фитосанитарӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нигоҳдории ҳосил, сифати он ва тозагии экологии муҳити атроф равона гардидааст.

Қонун аз 5 боб иборат буда, боби 1-уми он мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳофизати растаниҳо ва вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкурро дар бар мегирад.

Боби 2-юм танзими давлатии фаъолият дар соҳаи муҳофизати растаниҳоро фаро гирифта, дар он салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколати мақомоти ваколатдор, ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ пурра инъикос ёфтааст.

Вазифаҳои назорати давлатии фитосанитарӣ, таҳия ва татбиқи чораҳои фитосанитарӣ, шаффофияти қоидаҳо, ҳамарзишии чораҳои фитосанитарӣ, расмиёти назорати фитосанитарӣ, инчунин объектҳое, ки мавриди назорати давлатии фитосанитарӣ қарор мегиранд, дар боби 3 нишон дода шудааст.

Дар боби 4-ум ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ доир ба пешгирии паҳншавии организмҳои зараррасон, захираи давлатии пеститсидҳо, меъёрҳои фитосанитарӣ, тартиби безараргардонӣ, ҳамоҳангсозии тадқиқотҳои илмӣ ва фаъолият оид ба омӯзиш, такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисону кормандони соҳаи муҳофизати растаниҳо дарҷ гардидааст.

Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талабот, инчунин пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор додани қонуни мазкур, дар боби 5 инъикос ёфтааст.

Бо назардошти ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонуни мазкур, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии шумо масъалаи навбатии рӯзнома – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» пешниҳод карда мешавад. Марҳамат, Давлатшо Қурбоналиевич.

**Давлатшо ГУЛМАҲМАДОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллӣ Д. Гулмаҳмадов ва вакили Маҷлиси намояндагон М. Ҳақдодов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагон 8 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур принсипҳо ва тартиби гузаронидани экспертизаи экологиро муайян намуда, барои пешгирии таъсири манфии фаъолияти банақшагирифташавандаи хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият ба муҳити зист ва оқибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигари ба он алоқаманди татбиқи объекти экспертизаи экологӣ равона гардидааст.

Қонун аз 7 боб иборат буда, боби 1-уми он мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи экспертизаи экологӣ, принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ, мақсад ва вазифаҳо, намудҳои экспертизаи экологӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳои мақомоти дигари давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба ташкили экспертизаи экологиро дар бар мегирад.

Дар боби 2-юм субъектҳо, объектҳо, тартиби гузаронидан, мӯҳлати гузаронидан, хулоса, мӯҳлати эътибори хулоса ва гузаронидани экспертизаи давлатии экологии такрорӣ ва иловагӣ пурра инъикос ёфтааст.

Дар бобҳои 3 ва 4-ум ҳуқуқу ӯҳдадориҳои субъектҳои экспертизаи давлатии экологӣ, объекту субъектҳои экспертизаи ҷамъиятии экологӣ, тартиби гузаронидани экспертизаи ҷамъиятӣ ва хулосаи экспертизаи ҷамъиятии экологӣ дарҷ гардидаанд.

Банақшагирӣ ва лоиҳакашии объектҳо ва намудҳои нави фаъолият, ташкил ва гузаронидани арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист, маблағгузории экспертизаи давлатии экологӣ дар бобҳои 5 ва 6 нишон дода шудааст.

Ҳалли баҳсҳо дар соҳаи экспертизаи экологӣ, ҷавобгарӣ барои риоя накардан ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро боби 7 ба танзим медарорад.

Бо назардошти ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонуни мазкур, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Марҳамат, Давлатшо Қурбоналиевич.

**Давлатшо ГУЛМАҲМАДОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллӣ Д. Гулмаҳмадов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагон 15 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Қонун бо мақсади ба талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ гардонидани меъёрҳои Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бартараф намудани нуқсони кодекси мазкур дар самти ҳалли масъалаҳои ба замин таааллуқдошта равона гардидааст.

Аз ҷумла бо мақсади мутобиқгардонии Кодекси замин ба қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 4 Кодекси амалкунанда дар таҳрири нав ифода гардида, ҳамзамон дар банди г) моддаи 5 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон калимаҳои «Маҷлиси Олӣ» ба калимаҳои «Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шудааст.

Бо назардошти ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонуни мазкур, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Давлатшо Қурбоналиевич.

**Давлатшо ГУЛМАҲМАДОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон С. Раҷабов ва Ҳ. Алиев пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагон 15 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур муносибатҳоро дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ, ҳифз, истифода ва афзоиши оилаҳои занбӯри асал, самаранок истифода бурдани онҳо барои гардолуд кардани растаниҳои энтомофилӣ, фароҳам овардани шароит барои афзун гардонидани маҳсулоти занбӯри асал, инчунин зироаткорӣ, таъмини кафолатҳои риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба занбӯриасалпарварӣ машғуланд, танзим менамояд.

Қонун аз 6 боб иборат буда, бобҳои 1 ва 2-юми он мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи занбӯриасалпарварӣ, фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи мазкур, ҷудо кардани қитъаҳои замин барои фаъолият дар ин соҳаро дар бар мегирад.

Дар бобҳои 3 ва 4-ум объекти моликият дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколати мақомоти ваколатдори давлатӣ, ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва тадбирҳои дастгирии давлатӣ дар соҳаи мазкур ба таври пурра инъикос ёфтааст.

Дар боби 5 ташкили ҳифзи занбӯри асал, назорати зоотехникӣ ва байторию санитарӣ, мусоидат ба ҳамлу нақли оилаҳои занбӯри асал ва ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа пурра дарҷ гардидаанд.

Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талабот, инчунин аз эътибор соқит дониста шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2003 «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ», дар боби 6 инъикос ёфтааст.

Бо назардошти ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонуни мазкур, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Марҳамат, Давлатшо Қурбоналиевич.

**Давлатшо ГУЛМАҲМАДОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллӣ Д. Гулмаҳмадов ва вакилони Маҷлиси намояндагон С. Ёқубзод, О. Сафаров ва Р. Латипов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагон 29 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Қонун бо мақсади такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукаммал намудан ва инчунин заминаи ҳуқуқиро ҷиҳати гузаштан ба идоракунии ҳавзавии об дар асоси идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об дар ҷумҳурӣ, ба танзим медарорад.

Идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об низоми идоракуние мебошад, ки на танҳо барои қонеъ гардонидани манфиати соҳаҳо ва сатҳҳои гуногуни истифодабарии об равона гардидааст, балки баҳисобгирӣ ва таъсири мутақобилаи захираҳои об ва захираҳои замин, инчунин захираҳои дигари табиии ба онҳо вобастаро дар ҳудуди муайяни гидрографӣ ба асос гирифта, ҳифз ва рушди захираҳои обро ба манфиати насли имрӯзаю оянда таъмин менамояд.

Ба Кодекси амалкунанда боби нави $23^1$ - «Идоракунии ҳавзавии истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об» бо таъсиси Шӯрои миллии об ва Шӯроҳои ҳавзавии об, стратегия ва нақшаҳои ҳавзавии истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об ворид карда шудааст.

Инчунин дар моддаи 2 Кодекси об мафҳумҳои нав, ки ба идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об таалуқ доранд, илова шуда, баъзе мафҳуму калимаҳо дар таҳрири нав ифода гардидааст.

Бо назардошти ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонуни мазкур кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» мебошад.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа мӯҳтарам Қурбонов Убайдулло Абдуллоевич дода мешавад. Марҳамат!

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромиқадр!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 январи соли 2012 қабул намудааст.

Инноватсия ин худ ибтикор ё навоварии амалигардида мебошад, ки он рушди сифатии самаранокии раванд ё истеҳсолотро, ки ба он пеш аз ҳама бозор ниёз дорад, таъмин менамояд. Инноватсия натиҷаи ниҳоии фаъолияти зеҳнии инсон, раванди эҷодкорӣ, тахаюлот, ихтирооту кашфиёти ӯ мебошад.

Мақсад аз қабули қонуни мазкур ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва инфрасохтори мусоид барои фаъолияти инноватсионӣ ба мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, кор ва хизматрасонӣ буда, инчунин таъмини ҳамкорӣ байни субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ва ҳамоҳангсозии он мебошад.

Қонуни пешниҳодгардида аз 6 боб ва 22 модда таркиб ёфтааст.

Боби 1-ум аз ду модда иборат буда, дар он мафҳумҳои асосии истифодашаванда, аз қабили: фаъолияти инноватсионӣ, инноватсия, маҳсулоти инноватсионӣ, лоиҳаи инноватсионӣ, иқтидори инноватсионӣ, сиёсати давлатии инноватсионӣ, стратегияи рушди инноватсионӣ, барномаи мақсадноки инноватсионӣ, ташкилотҳои инфрасохтори инноватсионӣ, фонди инноватсионӣ, фонди венчурӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ пурра шарҳ дода шудаанд.

Боби 2-юм аз чор модда иборат буда, субъект, объект, намудҳои фаъолияти инноватсиониро муайян намуда, муносибатҳои шартномавиро байни субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ба танзим медарорад.

Боби 3-юм аз се модда таркиб ёфта, сиёсати давлатии инноватсионӣ, асосҳои сиёсати давлатии инноватсионӣ ва барномаи мақсадноки инноватсиониро дар бар мегирад.

Боби 4-ум дорои ду модда буда, мақсад, вазифа ва принсипҳои сиёсати давлатии инноватсиониро муайян менамояд.

Боби 5-ум аз ҳашт модда иборат буда, шаклҳои танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ, дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ, талабот ба лоиҳаҳои инноватсионӣ ва манбаъҳои маблағгузории он, инчунин салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақомоти ваколатдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ муайян намудааст.

Боби 6-ум аз се модда мураттаб гардида, ҳамкории байналмилалии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонуни мазкур ва тартиби мавриди амал қарор гирифтани қонуни зикргардидаро пешбинӣ менамояд.

Қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Кумита қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, ба он эрод надорад. Аз шумо, аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Убайдулло Абдуллоевич.

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва ҳозирини гиромиқадр!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 1993 бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он аз солҳои 1996, 1997, 1998, 1999, 2002, 2005, 2007, 2008, 2009 ва 2011 амал менамояд.

Мақсади ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни амалкунанда, пеш аз ҳама, истифодаи дурусти истилоҳоту мафҳумҳои соҳавӣ, аз байн бурдани зуҳуроти коррупсионӣ, истифодаи мақсадноки маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва инчунин мутобиқгардонии қонун ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» мебошад.

Дар қонуни пешниҳодгардида ба моддаҳои 1, 3, 4, $4^1$, 6, 12, 16, 17, 18, 27, 28, $30^3$, 31, 32, 35, 36, $36^1$, 38, 43, 44, 45, $47^1$, 49, 50, 54, 61, 63, 68, 70, 71, 72, 76, 81, 82, 84, 95, 96, 97, 106, 109, 110, 112, 118, 119 ва 120 – уми қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид шудааст.



Тағйироти воридгардида дар ном ва матни моддаи 1, бандҳои д) ва з) моддаи 3, моддаи 6, банди г) моддаи 15, қисмҳои 1, 4, 6 ва 7 моддаи 16, қисми 1 моддаи 17, бандҳои а), б), в)-и моддаи 18, сархати якуми қисми 1 моддаи 27, моддаи 28, бандҳои а) ва б) қисми 1 моддаи 31, моддаи 32, бандҳои б) ва г) қисми 2 моддаи 36, қисми 2 моддаи $36^1$, қисми 1 моддаи 38, қисми 1 моддаи 40, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 43, банди б) моддаи 49, қисми 1 моддаи 50, қисмҳои 4 ва 5 моддаи 71, қисми 2 моддаи 72, моддаи 76, қисми 5 моддаи 106, моддаҳои 109 - 110, сархати якуми қисми 3 моддаи 119, сархатҳои якум ва чоруми қисми 1 ва 2 моддаи 120 характери муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририӣ дошта, номувофиқатии меъёрҳои дар қонуни амалкунанда ҷойдоштаро аз байн мебарад. Ба монанди калимаҳои «нафақаи давлатӣ» ва «нафақаҳои давлатӣ» ба калимаи «нафақа», калимаҳои «Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», калимаҳои «бачаҳои маъюби то 16-сола» ба калимаҳои «кӯдакони маъюби то 18-сола», калимаҳои «система стажи бефосилаи» ба калимаҳои «соҳа собиқаи», калимаҳои «нафақаи камтарини синну сол, ки қонуни мазкур муқаррар кардааст» ба калимаҳои «ҳадди ақали нафақа аз рӯи синну сол, калимаҳои «нафақаи иҷтимоии барои категорияҳои дахлдори корношоям пешбинишуда» ба калимаҳои «50 фоизи ҳадди ақали нафақа аз рӯи синну сол», калимаҳои «навъҳои нафақа ва изофапулӣ» ба калимаҳои «намудҳои нафақа ва иловапулӣ», калимаҳои «бачаҳое», «бачаҳои» ва «бача» ба калимаҳои «кӯдаконе», «кӯдакони» ва «кӯдак», калимаҳои «вафоткарда (ҳалокшуда)» ба калимаҳои «фавтидаро (ҳалокшударо)», калимаи «нормаҳои» ба калимаи «меъёрҳои» ва калимаи «ёрдампулӣ» ба калимаи «кӯмакпулӣ» иваз карда шудаанд.

Вобаста ба тағйироти пешниҳодгардида, қисми дуюми моддаи $4^1$, ки ҳуқуқи пеш аз мӯҳлат ба нафақа баромаданро муайян менамояд, бо мазмуни зайл илова карда шудааст:

«Ба хизматчиёни давлатӣ, ки ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди корӣ аз мансаби давлатӣ озод шудаанд, дар сурати доштани собиқаи умумии меҳнатии иборат аз 25 сол барои мардҳо ва 20 сол барои занҳо ва аз ин на кам аз 10 солаш собиқаи хизмати давлатӣ бошад, ҳуқуқ дода мешавад, ки ду сол пеш аз мӯҳлати муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нафақа бароянд.».

Ҳамзамон бо мақсади ҷорӣ намудани адолати иҷтимоӣ ҳангоми пардохти нафақаҳо ва баинобатгирии имкониятҳои молиявии мақомоти ваколатдори суғуртаи давлатии иҷтимоӣ андозаи нафақаҳо аз рӯйи маъюбӣ ва барои маҳрум шудан аз саробон, ки дар моддаҳои 27 ва 43-юми қонуни мазкур дарҷ гардидаанд, бо маҳдудият пардохт карда мешавад, ки андозаи ҳадди ниҳоии нафақа ба маъюбони гурӯҳи I - 10 ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол, ба маъюбони гурӯҳи II – 8 ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол ва ба маъюбони гурӯҳи III – 6 ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол баробар карда шуда, ҳадди ниҳоии нафақа барои маҳрум шудан аз саробон ба ҳар як аъзои ғайри қобили меҳнати оила ба андозаи ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯйи синну сол, ки айни замон 400 сомониро ташкил медиҳад, муқаррар карда мешавад.

Инчунин тибқи тағйироти пешниҳодгардида, моддаҳои 63, $63^1$, қисми 1 моддаи 68, моддаҳои 82, 96, қисми 4 моддаи 106 ва моддаҳои 112, 118 дар таҳрири нав ифода гардидаанд, ки дар он намудҳои фаъолияти меҳнатӣ ҳамчун собиқаи корӣ ва собиқаи кории умумӣ, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи собиқаи корӣ, тартиби ҳисоби нафақаи шаҳрвандон берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби пардохти нафақа, андозаи кӯмакпулӣ барои дафн, ҳуқуқи интихоби нафақаи иҷтимоӣ ё иловапулии нафақаи меҳнатӣ ва нафақа барои хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра шарҳ дода шудаанд.

Қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Кумита қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, ба он эрод надорад. Аз шумо, эҳтиромона хоҳиш менамоем, онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» мебошад. Марҳамат, Убайдулло Абдуллоевич.

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромиқадр!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» аз соли 1997 инҷониб бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он аз солҳои 2003, 2006, 2007 ва 2008 амал менамояд.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ гардонидани муқаррароти он ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», инчунин Кодекси андоз ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар қонуни мазкур ба моддаҳои 1, 3, 4, 7, $10^2$, 12, $16^1$, 17, 21, 22, $23^1$ ва 30 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Тағйироти воридгардидаи қисми якуми моддаи 1, бандҳои 2, 3 ва 8 моддаи 3, сархатҳои якум, сеюм, шашум, ҳафтум ва ҳаштуми моддаи 4, сархати дуюми қисми сеюми моддаи 7, қисми якуми моддаи $10^2$, қисми дуюми моддаи 12, қисми якуми моддаи $16^1$, сархати панҷуми қисми дуюми моддаи 17, қисми якуми моддаи 21, сархати нӯҳуми қисми дуюми моддаи 22, қисми якуми моддаи $23^1$ ва қисми якуми моддаи 30 характери муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририӣ дошта, номувофиқатии меъёрҳои дар қонун ҷойдоштаро аз байн мебарад, ба монанди калимаи «системаи» ба калимаи «низоми», калимаҳои «шахси ҳуқуқие мебошад» ба калимаҳои «шахси ҳуқуқӣ», калимаҳои «шахси воқеие мебошад» ба калимаҳои «шахси воқеӣ», калимаи «характери» ба калимаи «хусусияти», калимаҳои «тафриқаи» ва «дарназардошти» ба калимаҳои «табақабандии» ва «назардошти» ва калимаҳои «мақоми намояндагӣ» ба калимаҳои «шахси намоянда» иваз карда шудаанд.

Қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Кумита қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, ба он эрод надорад. Аз шумо, аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, барои ҷонибдории қонуни пешниҳодшуда розигӣ диҳед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Прокурори генералӣ ба инобат гирифта шуд

«Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Убайдулло Абдуллоевич.

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромиқадр!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон Мирганд Шабозов, Марҳабо Ҷабборова ва Меҳроҷидин Ҳакимов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз 5 марти соли 2007 амал менамояд.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни амалкунанада ин фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои рушди ҳамаҷонибаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва аз байн бурдани номувофиқатии меъёрҳои қонуни амалкунанда ва мутобиқ гардонидани муқаррароти он ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад.

Дар қонуни мазкур ба ном ва бобҳои он ва моддаҳои 1, 3, 5, 7, 8, 9, 11, 12, 13, 15, 17, 18, 19, 20, 23, 26 то 37 қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Тағйироти воридгардидаи сархати ҳаштуми моддаи 1, сархатҳои якум, сеюм ва шашуми моддаи 3, сархати сеюм ва чоруми моддаи 5, сархати панҷуми моддаи 7, сархати ҳаштуми моддаи 8, сархати сеюми моддаи 9, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 11, қисми 5 моддаи 12, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 13, қисмҳои 1, 2, 3 ва 4 моддаи 15, қисми 4 моддаи 17, қисми 2 моддаҳои 18 - 19, сархати якуми қисми 1 моддаи 20, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 23, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 26, қисмҳои 2, 3, сархати дуюми қисми 4 ва қисми 5 моддаи 27, қисми 3 моддаҳои 28, 29, қисми 1 моддаи 30, қисмҳои 1 ва 8 моддаи 32, қисми 3 моддаи 33, моддаи 34, қисмҳои 1, 5, 6 ва 7 моддаи 35, моддаи 36 ва қисмҳои 1 ва 2 моддаи 37 характери муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририӣ доранд, ба монанди калимаҳои «мақомоти худидоракунии маҳаллӣ» ба калимаҳои «мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», калимаи «ваколатдор» ба калимаҳои «ваколатдори давлатӣ», калимаи «ваколатдорро» ба калимаҳои «ваколатдори давлатиро», калимаҳои «якҷо» ва «санадҳои қонунгузорӣ» мувофиқан ба калимаҳои «якҷоя» ва «санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», калимаҳои «худидоракунии маҳаллӣ» ба калимаҳои «худидоракунии шаҳрак ва деҳот», калимаи «одамонро» ба калимаи «аҳолиро», калимаи «таблиғи» ба калимаҳои «таблиғи истифодаи», калимаи «Талабагони» ба калимаи «Хонандагони», калимаҳои «тибқи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат» иваз карда шудаанд.

Инчунин вобаста ба тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида ба моддаи 1-уми қонуни амалкунанда сархатҳои нав илова гардидаанд, ки дар он мафҳумҳои «тарбияи ҷисмонӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, намудҳои варзиши миллӣ ва мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ» пурра шарҳ дода шудаанд.

Қонун ба талаботи меъёрҳои техникаи қонунэҷодкунӣ мувофиқ буда, механизми татбиқшавии онро таъмин менамояд ва амалӣ шудани он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Кумита қонуни пешниҳодгардидаро мавриди баррасӣ қарор дода, ба он эрод надорад. Аз шумо, аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, барои ҷонибдории қонуни мазкур овоз диҳед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» мебошад. Марҳамат, Убайдулло Абдуллоевич.

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромиқадр!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон Махфират Хидирова ва марҳум Сафаралӣ Раҷабов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 феврали соли 2012 қабул намудааст.

Ёдрас бояд шуд, ки бори аввал қонуни мазкур аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 ноябри соли 2011 қабул гардида буд. Бинобар сабаби ҷой доштани камбудиҳо, ҳангоми баррассии он 15 декабри соли 2011 дар иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи кумита ва аъзои Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ наёфт. Баъд аз бартараф гардидани камбудиҳои ҷойдошта, қонун бо таҳрири нав аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Мақсад аз қабули қонун танзими фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, инчунин сиёсати давлатӣ, асосҳои ташкилӣ ва иҷтимоию молиявӣ дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ мебошад. Ин қонун барои ҳар чӣ бештар муҳайё намудани шароит баҳри рушди тафаккури техникии шаҳрвандон, бахусус насли наврас, самаранок гузаронидани вақти холии кӯдакону наврасон хеле муҳим мебошад. Бинобар ин, қабули қонуни мазкур ба инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоби касб мусоидат мекунад.

Қонун аз 6 боб ва 24 модда таркиб ёфтааст. Боби 1 аз 7 модда иборат буда, дар моддаи 1 мафҳумҳои асосии таҳсилоти иловагӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, кормандони омӯзгорӣ ва таълимгирандагон шарҳ дода шудаанд. Моддаҳои дигари боби 1 оид ба вазифаҳои асосии таҳсилоти иловагӣ, мақсади таҳсилоти иловагӣ, принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар ин соҳа, тартиби гирифтани таҳсилоти иловагӣ ва забони таҳсил дар ин муассисаҳо пурра шарҳ дода шудаанд.

Боби 2 аз 6 модда иборат буда, моддаҳои 8 ва 9 тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, сохтор ва низоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро мушаххас менамояд. Дар моддаҳои 10, 11 ва 12 идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, мақомоти идоракунии ин муассисаҳо ва ваколатҳои ин мақомот возеҳу равшан шарҳ ёфтаанд. Дар моддаи 13 назорати давлатии фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва аттестатсияи давлатии ғайринавбатии муассисаҳои давлатӣ ва хусусии таълимии таҳсилоти иловагӣ ва кормандони омӯзгории ин массисаҳо муқаррар шудааст.

Боби 3 аз 2 модда иборат буда, самтҳои асосии таҳсилоти иловагӣ ва шаклҳои ташкилии таҳсилоти иловагиро муайян менамояд.

Боби 4 дорои 3 модда буда, дар онҳо субъектҳои раванди таълиму тарбия, ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳо, тайёр кардан ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ муайян карда шудааст.

Боби 5 аз 3 модда иборат буда, онҳо ба таври пурра фаъолияти молиявию хоҷагӣ, заминаи моддию техникӣ, фаъолияти пулакии ин муассисаҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, муқаррар менамоянд.

Боби 6-уми қонун муқаррароти хотимавӣ буда, аз 3 модда иборат аст.

Қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Кумита қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, ба он эрод надорад ва аз шумо, аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем барои ҷонибдории қонуни пешниҳодшуда овоз диҳед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» шурӯъ менамоем.

Сухан оид ба ин масъала ба узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ мӯҳтарама Сатторова Матлубахон Амонҷоновна дода мешавад. Марҳамат.

**Матлубахон САТТОРОВА: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**



Кумитаи мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Раҷабов, Бибидавлат Авзалшоева, Ҳабибулло Саъдуллоев, Саттор Холов, Абдузафар Иномов ва Шарофиддин Сироҷов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 декабри соли 2011 қабул намудааст. Мутобиқи қонуни мазкур, ба 23 моддаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

Чунончӣ, истифодаи калимаҳои «салоҳият» ва «ваколатҳо» ба танзим даровар да шуда, ба талаботи моддаи 31-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» оид ба мутобиқати дохилии санад, фаҳмо ва ҳаммаъно будани мафҳум ва истилоҳоти истифодашаванда мутобиқ карда шудааст. Якчанд тағйирот ба истифодаи қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ тааллуқ дорад.

Инчунин ба қонун моддаи $41^1$ ва ба чор модда – 15-ум, 26-ум, 36-ум ва 41-ум қисмҳои нав илова карда шудаанд, ки онҳо меъёрҳои баррасии масъалаи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати вакили Ҷамоат, ташкили манбаъҳои молиявии шаҳрак ва деҳот, талабот ба номзад ба вакили Ҷамоат вобаста ба узви комиссияҳои интихоботӣ будан, гузаронидани интихоботи такрорӣ ва интихоботи вакилон ба ивази вакилони хориҷшударо муайян мекунанд.

Илова бар ин, матни қонуни амалкунанда аз ҷиҳати услубу имло мавриди таҳрир қарор дода, ба он як зумра тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд, ки хусусияти дақиққунанда, характери таҳририӣ ва муайянкунанда дошта, матни қонуни амалкунандаро аз ҷиҳати мантиқию услубӣ возеҳу мушаххас гардонидаанд.

Кумита, бо назардошти нишондодҳои дар боло зикргардида, ба қонуни мазкур эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Марҳамат, Матлубахон Амонҷоновна.

**Матлубахон САТТОРОВА: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2011 қабул намудааст.

Қонуни фавқуззикр низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян карда, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкили фаъолияти мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошанд, танзим менамояд.

Қонуни мазкур аз 4 боб ва 20 модда иборат буда, муқаррароти умумӣ, асосҳои вазъи ҳуқуқии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, асосҳои ташкили фаъолияти мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ва муқаррароти хотимавиро дар бар мегирад.

Айни ҳол муносибатҳои ҷамъиятие, ки танзими онҳо дар қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар шакли умумӣ зикр шудаанд. Дар қонуни мазкур амалияи вуҷуддоштаи фаъолияти мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба фазои ҳуқуқӣ даровар да шуда, ҳамзамон як қатор навовариҳо, ки идомаи мантиқии ислоҳоти амалишавандаи идоракунии давлатӣ мебошанд, муқаррар шудаанд. Аз ҷумла мафҳумҳои асосӣ, меъёрҳо оид ба принсипҳои асосии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ҷорӣ кардани назорати давлатӣ ва низоми назорати дохилӣ, шартномаи маъмурӣ, Дастури методӣ оид ба таҳияи низомномаҳои Дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохтории он ва воҳидҳои тобеи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, тартиби намунавии ташаккули воҳидҳои мазкур возеҳу мушаххас дарҷ гардидаанд.

Қабули қонуни мазкур бевосита ба такмили сохтори идораи давлатӣ ва татбиқи стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ мусоидат хоҳад кард.

Кумита, бо назардошти нишондодҳои дар боло зикргардида, ба қонуни мазкур эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани тарҳи шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Матлубахон Амонҷоновна.

**Матлубахон САТТОРОВА: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани тарҳи шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Пешниҳодоти мазкур мутобиқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи ҳамин муносибатҳоро батанзимдароранда мухолифат надорад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори худ тахти № 627 аз 12 декабри соли 2011 раисони вилояти Хатлон, ноҳияҳои Бохтар ва Вахш, Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор кардааст, ки бо тартиби муқарраргардида ба тавозуни шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон додани қитъаҳои заминро дар масоҳати 1775,82 гектар, аз ҷумла аз заминҳои ноҳияи Бохтар 1612,04 гектар ва аз заминҳои ноҳияи Вахш 163,78 гектар таъмин намоянд. Тибқи лоиҳаи пешниҳодгардида тарҳи шаҳри Қӯрғонтеппа дар масоҳати 2568,15 гектар муқаррар карда мешавад.

Дар маҳалҳои аҳолинишини ҳудудҳои ноҳияҳои Бохтар ва Вахш, ки ба тавозуни шаҳри Қӯрғонтеппа дода мешаванд, зиёда аз 27 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекунанд ва дар оянда онҳо сокинони маркази вилоят хоҳанд шуд. Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки васеъ намудани ҳудуди марзи маъмурии шаҳри Қӯрғонтеппа талаботи замон ва амри зарурӣ буда, аҳамияти вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта, бо мақсади рушд ва тараққии шаҳр ҳамчун маркази вилояти Хатлон равона шудааст.

Маводи зарурӣ, тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда, аз ҷониби сохторҳои дахлдори вилояти Хатлон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита, бо назардошти нишондодҳои дар боло зикргардида, ба пешниҳоди мазкур эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.



*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани тарҳи шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС**: - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи шаҳрак, деҳот ва деҳаҳои вилояти Хатлон» мебошад. Марҳамат, Матлубахон Амонҷоновна.

**Матлубахон САТТОРОВА: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи шаҳрак, деҳот ва деҳаҳо» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, зикр менамояд, ки зарурати тағйир додани номи шаҳрак, деҳот ва деҳаҳо бевосита ба Истиқлолияти давлатӣ, гиромидошти таъриху фарҳанги кишвар, арҷгузорӣ ва пос доштани хотираи неки шахсиятҳои барҷаста ва мӯътабари диёр, тоза нигоҳ доштани забони давлатӣ, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳиши сокинони ин шаҳрак, деҳот ва деҳаҳо алоқаманд мебошад. Дар маҷмӯъ, тағйир додани номи як шаҳрак, як деҳот ва 39 деҳаи вилоят дар назар дошта шудааст. Рӯйхати пурраи онҳо ба шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, дастрас шудааст.

Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки дар пешниҳоди мазкур инчунин таклиф ба миён гузошта шудааст, ки номи деҳаи Шмидти ноҳияи Бохтар ба номи Бафо Расоев иваз карда шавад. Ин таклиф боиси норозигии як қисми сокинони деҳа гардида, ба номи Раиси Маҷлиси миллӣ мӯҳтарам Маҳмадсаид Убайдуллоев аз ҷониби онҳо ду мактуб: якумаш - 26 январи соли 2012 бо 11 имзо, дуюмаш - 24 феврали соли 2012 бо 242 имзо ва аризаи сеюм - 20 марти соли 2012 ба унвони Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум бо 254 имзо бо як мазмун дар бораи норозӣ буданашон бобати тағйир додани номи деҳаашон ва бо номи Бафо Расоев номгузорӣ намудани он ворид гардиданд.

Бо супориши Раиси Маҷлиси миллӣ мактуби якум ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мактуби дуюм ба раиси вилояти Хатлон Авзалов Ғайбулло Саидович ва раиси ноҳияи Бохтар Исмоилов Абдуалим барои баррасии иловагӣ ва ба инобат гирифтани афкори аксари сокинони деҳа ҳангоми интихоби номи он фиристода шуд. Дирӯз ба Маҷлиси миллӣ мактуби ҷавобии раиси вилояти Хатлон Авзалов Ғайбулло Саидович ворид гардид. Дар он як қисми далелҳои муроҷиаткунандагон оид ба нодуруст пешниҳод кардани масъалаи номгузории деҳаи Шмидт инкор карда шуда, таклиф ба миён гузошта шудааст, ки ба номи Бафо Расоев номгузорӣ намудани деҳаи Шмидти ноҳияи Бохтар аз ҷониби Маҷлиси миллӣ дастгирӣ карда шавад.

Бинобар сабаби то ҳалли ниҳоӣ нарасонидани масъала ва мавриди баҳс қарор доштани он кумита ба хулоса омад, ки ин масъала дар Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ нагардад ва он тибқи меъёрҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо роҳи маслиҳатомез ва ба инобат гирифтани афкори кулли сокинони деҳа, розигии онҳо дар интихоби номи он мавриди баррасии иловагӣ қарор дода шавад.

Пешниҳодот доир ба тағйир додани номи дигар шаҳрак, деҳот ва деҳаҳо дар маҷлисҳои умумии сокинони онҳо, маҷлисҳои ҷамоатҳо, маҷлисҳои вакилони халқи шаҳри Норак, ноҳияҳои Ёвон, Фархор, Ҷиликӯл, Бохтар, Восеъ ва Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Маводи зарурӣ, тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда, аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита, бо назардошти нишондодҳои дар боло зикргардида, ба истиснои таклифи тағйир додани номи деҳаи Шмидти ноҳияи Бохтар ба номи Бафо Расоев, лозим мешуморад, ки пешниҳоди мазкур қобили дастгирист ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи шаҳрак, деҳот ва деҳаҳои вилояти Хатлон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи шаҳрак, деҳот ва деҳаҳои вилояти Суғд» мебошад. Марҳамат, Матлубахон Амонҷоновна.

**Матлубахон САТТОРОВА: Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳодоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи илтимосномаҳои Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд «Оид ба тағйир додани номи шаҳрак ва деҳот» тахти №657 аз 30 декабри соли 2011 ва «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини вилоят» тахти №82 аз 1 марти соли 2012 мавриди баррасӣ қарор дода, зикр менамояд, ки зарурати тағйир додани номи шаҳр, шаҳрак, деҳот ва деҳаҳо бевосита ба Истиқлолияти давлатӣ, гиромидошти таъриху фарҳанги кишвар, арҷгузорӣ ва пос доштани хотираи неки шахсиятҳои барҷаста ва мӯътабари диёр, тоза нигоҳ доштани забони давлатӣ, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳиши сокинони ин шаҳр, шаҳрак, деҳот ва деҳаҳо вобаста мебошад. Дар маҷмӯъ, тағйир додани номи як шаҳр, се шаҳрак, 15 деҳот ва 42 деҳа дар назар дошта шудааст. Рӯйхати пурраи онҳо ба шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, дастрас шудааст.

Пешниҳодоти мазкур дар маҷлисҳои умумии сокинони деҳаҳо, маҷлисҳои ҷамоатҳо, маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳову ноҳияҳои марбута ва Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд ҳамаҷониба дастгирӣ ёфта, мутобиқи моддаи 23-юми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардидааст ва бо дигар қонунҳои амалкунандаи ҳамин муносибатҳоро батанзимдароранда мухолифат надорад.

Маводи зарурӣ, тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда, аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита, бо назардошти нишондодҳои дар боло зикргардида, ба пешниҳоди мазкур эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи шаҳрак, деҳот ва деҳаҳои вилояти Суғд» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ҳисор» мебошад. Марҳамат, Матлубахон Амонҷоновна.

**Матлубахон САТТОРОВА: Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ҳисор «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳия» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, зикр менамояд, ки зарурати тағйир додани номи деҳот ва деҳаҳо бевосита ба худшиносии миллӣ, соҳибистиқлолии давлат, эҳёи номи гузаштагони бузурги миллат, тоза нигоҳ доштани забони давлатӣ, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳишу дастгирии сокинони ин деҳот ва деҳаҳо вобаста мебошад. Дар маҷмӯъ, тағйир додани номи 2 деҳот ва 46 деҳа дар назар дошта шудааст. Рӯйхати пурраи онҳо ба шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, дастрас шудааст. Пешниҳодот доир ба тағйир додани номи деҳот ва деҳаҳои зикргардида дар маҷлисҳои умумии сокинони онҳо, маҷлисҳои ҷамоатҳо, Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ҳисор баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Маводи зарурӣ, тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда, аз ҷониби ҷамоатҳои деҳотҳои номбурда, Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ҳисор ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита, бо назардошти нишондодҳои дар боло зикргардида, ба пешниҳоди мазкур эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ҳисор» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ташкил намудани деҳоти «Ваҳдат»–и ноҳияи Тавилдара» мебошад. Марҳамат, Матлубахон Амонҷоновна.

**Матлубахон САТТОРОВА: - Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Тавилдара «Оид ба ташкил намудани деҳоти Ваҳдати ноҳияи Тавилдара» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дода, зикр менамояд, ки зарурати ташкили деҳоти нав аз осон намудани душворӣ ва мушкилоти аҳолии қисмати шарқии деҳоти Сангвор иборат мебошад. Деҳаҳои дар ин мавзеъ ҷойгиршуда аз маркази деҳоти Сангвор ва маркази ноҳия дар масофаи дур воқеъ гардидаанд ва мавҷуд набудани нақлиёти ҷамъиятӣ рафтуомади аҳолиро ба маркази деҳоти Сангвор ва маркази ноҳия, махсусан дар фаслҳои тирамоҳу зимистон, душвор мегардонад. Масалан, деҳаи Арзинг аз маркази ноҳия дар масофаи 130 км, Роға - 120 км, Найгуфт – 106 км, Сикад–105 км ва Хубон – 88 км воқеанд.

Аз ҳисоби хурд намудани деҳоти Сангвор ба деҳоти навтаъсиси Ваҳдат деҳаҳои Ғовд, Алисурхон, Нусонӣ, Лангар, Лоҷург, Сарха, Хубон, Сикад, Роға, Арзинг, Сангвор ва Найгуфт бо 2151 нафар аҳолӣ ворид гардида, он дар масоҳати 2400 километри мурабба бо маркази маъмурӣ дар деҳаи Лоҷург пешбинӣ шудааст. Дар мавриди ҳалли мусбии масъала масофаи байни маркази деҳот ва деҳаҳо ба маротиб кӯтоҳ гардида, масофаи байни маркази ноҳия то маркази деҳоти навтаъсис 15 км наздиктар мегардад.

Пешниҳод доир ба ташкил намудани деҳоти нав дар маҷлисҳои умумии сокинони деҳаҳои деҳоти Сангвор баррасӣ гардида, ба деҳоти нав Ваҳдат ном гузоштан низ аз ҷониби сокинон пешниҳод гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст. Пешниҳоди мазкур мутобиқи моддаи 8 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, бо дигар қонунҳои амалкунандаи ҳамин муносибатҳоро батанзимдароранда мухолифат надорад.

Маводи зарурӣ, тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда, аз ҷониби Ҷамоати деҳоти Сангвор, Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Тавилдара ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита, бо назардошти нишондодҳои дар боло зикргардида, ба пешниҳоди мазкур эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ташкил намудани деҳоти «Ваҳдат» – и ноҳияи Тавилдара» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии шумо лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби машваратчиёни халқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод карда мешавад.

Сухан оид ба ин масъала ба намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Ҷумъа Муҳмадалиевич дода мешавад. Марҳамат.



**Ҷумъа ДАВЛАТОВ пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қироат менамояд:**

- Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон номзадии 210 нафарро барои интихоб ба ҳайси машваратчиёни халқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи замима пешниҳод менамоям.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби машваратчиёни халқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ» мебошад.



Мутобиқи моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номзадии узви Маҷлиси миллӣ Абдуллоев Иброҳимро барои интихоб ба вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ пешниҳод менамоям.

Оид ба лоиҳаи қарори пешниҳодгардида чӣ гуна таклиф доред?

Бо иҷозати шумо лоиҳаи қарори мазкурро ба овоз мемонам. Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед. Қарор қабул шуд.

Иҷозат фармоед Абдуллоев Иброҳимро бинобар раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ интихоб шуданашон табрик намуда, барори кор орзу намоям.

(Идома дар саҳ. 4)

# Қонунҳо ҷонибдорӣ гардиданд, ҳисоботи Прокурори генералӣ ба инобат гирифта шуд

**(Идома аз саҳ. 1, 2, 3)**

**РАИС:** -Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия» мебошад.

Дар асоси моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номзадии узви Маҷлиси миллӣ Тағоев Саймуродро барои интихоб ба вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия пешниҳод менамоям.

Оид ба лоиҳаи қарори пешниҳодгардида чӣ гуна таклиф доред?

Бо иҷозати шумо лоиҳаи қарори мазкурро ба овоз мемонам. Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед. Қарор қабул шуд.



Иҷозат фармоед Тағоев Саймуродро бинобар раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия интихоб шуданашон табрик намуда, барори кор орзу намоям.

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ» мебошад.



Пешниҳод менамоям, ки узви Маҷлиси миллӣ Абдураҳмонов Саидумрон узви кумитаи номбурда интихоб карда шавад.

Чӣ гуна таклиф доред? Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ интихоб шудани Абдураҳмонов Саидумрон» ба овоз мемонам. Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед. Қарор қабул шуд.

Иҷозат фармоед Абдураҳмонов Саидумронро, бинобар узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ интихоб шуданашон табрик намуда, барори кор орзу намоям.

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология» мебошад.

Пешниҳод менамоям, ки узви Маҷлиси миллӣ Тавакалов Абдуҷон узви кумитаи номбурда интихоб карда шаванд.

Чӣ гуна таклиф доред? Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология интихоб шудани Тавакалов Абдуҷон» ба овоз мемонам. Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед. Қарор қабул шуд.



Иҷозат фармоед Тавакалов Абдуҷонро, бинобар узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология интихоб шуданашон табрик намуда, барори кор орзу намоям.

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011» шурӯъ менамоем.

Сухан оид ба ин масъала ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Салимзода Шерхони Одина дода мешавад. Марҳамат.

**САЛИМЗОДА Шерхони Одина: -Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Ҳисоботи навбатӣ дар арафаи омодагӣ ба таҷлили 20-солагии Иҷлосияи сарнавиштсози таърихии ХУ1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бунёди воқеии давлатдории моро гузошта, ба кори бомароми тамоми мақомоти давлатӣ, аз ҷумла прокуратура, замина гузошт, ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод мегардад.

Мақомоти Прокуратура мунтазам баҳри амалӣ кардани вазифаҳое, ки Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, инчунин аз дастуру супоришҳои Президенти мамлакат бармеоянд, чораандешӣ менамоянд.

Дар ин раванд, дар партави иҷрои қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми марти соли 2011-ум, ки аз рӯйи ҳисоботи Прокурори генералӣ қабул шуда буд, баҳри таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волояти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, субот ва оромии кишвар, фаъолияти дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҳамоҳанг намуда, дар соли 2011-ум корҳои зиёде анҷом пазируфт.

Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 фаъолияти худро асосан ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, бахусус дар мавриди баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон, тафтишу таҳқиқи ҷиноятҳо, назорати иҷрои қонунгузории замин ва андоз, пешгирӣ ва мубориза алайҳи коррупсия, ҳифзи муҳити зист ва санитарию эпидемиологӣ, муҳофизати меҳнат ва техникаи бехатарӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ ва мубориза бо омилҳои террористию экстремистӣ ва дигар самтҳо равона сохта, баҳри пешгирӣ ва рафъи қонунвайронкуниҳои ҷойдошта чораҳои таъсиррасонии прокурорӣ андешид.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати ҷумҳурӣ доир ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2011 таъкид ба амал оварданд, ки риояи қатъии қонуният, таъмини волояти қонун, роҳ надодан ба сӯиистифода аз мансаби хизматӣ, беэътиноӣ ва кашолкорӣ дар фаъолияти баъзе мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, ки бевосита бо мардум сарукор доранд, яке аз шартҳои зарурӣ ва муҳими оромии ҷомеа эътироф шудааст. Ба ин мақсад мо саравввал баҳри баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи касбии кормандон, аз замири онҳо дур кардани сӯиистифода аз мансаби хизматӣ ва омилҳои коррупсионӣ, чораҳои дахлдор андешидем.

Барои беҳтар гардидани шароити корию маишии кормандон бо дастгирии Роҳбари давлат ба мақомоти прокуратура иловагӣ 5 млн. сомонӣ маблағ ҷудо шуд, ки бо истифода аз онҳо 60 ҷомадони тафтишотӣ, ба маблағҳои калон адабиёти ҳуқуқӣ, техникаи криминалистӣ, компютерӣ ва 26 адад автомашина харидорӣ карда, се бинои прокуратураи ноҳияҳо (Рӯдакӣ, Ванҷ ва Шаҳристон) сохта, ба истифода дода шуд.

Мақомоти прокуратура пеш аз ҳама рисолати худро дар таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ ба ҷой оварда, вобаста ба ҳолати иҷрои қонунҳо зиёда аз 10 ҳазор санҷиш гузаронида, зиёда аз 37 ҳазор санадҳои эътиноии прокурорӣ бароварда, аз натиҷаи онҳо зиёда аз 26 ҳазор нафар ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ ва маъмурӣ кашида, 3900 парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла 1778 парвандаи характери коррупсионидошта оғоз карда шуд. Зарари расонидашуда ба маблағи зиёда аз 220 млн. сомонӣ ошкор ва аз он зиёда аз 131 млн. сомонӣ ба буҷет ворид карда, 3097 сар чорво ба тариқи асл барқарор шуд.

Бо назардошти ҷой доштани қонунвайронкуниҳои зиёд дар тақсим ва истифодаи замин, ки солҳои қаблӣ ҷой дошт, ин масъала самти афзалиятноки фаъолият шуморида шуд. Ба ин хотир, доир ба иҷрои қонунгузории замин фаъолияти гурӯҳҳои кории созмоншуда давом ёфта, бо ҷалби намояндагони дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва заминсозӣ дар шаҳру ноҳияҳои Вахш, Бохтар, Рӯдакӣ, Турсунзода, Ҳисор, Б.Ғафуров, Ашт, Панҷакент ва шаҳри Душанбе қонунвайронкуниҳои зиёде, аз қабили хариду фурӯши замин, ишғоли худсаронаи он, сохтмони ғайриқонунӣ, сохтакории хизматӣ, қаллобӣ, гирифтан ва додани пора ва ғайра, ки аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ҷой доштанд, ошкор карда, 444 парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва аксарияти он бо анҷоми тафтиши пешакӣ ба судҳо фиристода шуд.

Ҳолатҳои аз тарафи масъулини Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни гузаронидани инвентаризатсия ба сохтакории хизматӣ роҳ додан қариб дар ҳама шаҳру ноҳияҳо ошкор гардид.

Масалан, нисбати муҳандис-заминсозони Пажӯҳишгоҳи «Тоҷикзаминсоз»-и Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезӣ Р.Назиров, И.Мирзоалиев, С.Қурбонхолов ва С.Саидов, раисони кумитаҳои заминсозии шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Роғун, Хоруғ, Конибодом, Фархор, Балҷувон, Ҷиликӯл, Бохтар, Носири Хусрав, Рашт, Ванҷ ва Дарвоз парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда, ба суд ирсол гардиданд.

Зимни санҷишҳо оид ба иҷрои қонунгузории замин диққати асосӣ ба воқеан бартараф кардани қонунвайронкуниҳо дода шуд. Бо ин мақсад баҳри ба ҳолати аввала баргардонидани заминҳои худсарона ишғолгардида интихобан дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Б.Ғафуров, Вахш, Рӯдакӣ ва Ашт санҷишҳои такрорӣ гузаронида, қонунвайронкуниҳои зиёд ошкор карда шуд.

Дар аксарияти шаҳру ноҳияҳо бо ташаббуси мақомоти иҷроия, мақомоти заминсозӣ, ки бевосита мутасаддии масъалаи мазкур мебошанд, ба ҳолати аввала баргардонидани заминҳо қариб амалӣ карда намешавад. Аз беназоратӣ ва бемасъулиятӣ, ҳатто мусоидати ошкорои шахсони мансабдори баъзе ноҳияҳо шаҳрвандон боз заминҳоро ғайриқонунӣ ғасб намуда, дар онҳо сохтмонҳоро анҷом додаанд. Чунин ҳолатҳо дар ноҳияҳои Б.Ғафуров, Вахш, Шоҳмансур, Ашт ва ғайра бештар ҷой дорад.

Дар ноҳияи Вахш бошад, мутасаддиёни ноҳия ҳамроҳи кормандони Пажӯҳишгоҳи «Тоҷикзаминсоз» заминҳои корами обии холиро ҳамчун дар онҳо мавҷуд будани хонаҳои истиқоматӣ ва дигар иншоот нишон дода, ғайриқонунӣ ба гурӯҳи заминҳои маҳалли аҳолинишин гузаронидаанд.

Дар мавриди тақсимоти замин ҳолатҳои сӯистеъмоли мансаб, фурӯхтани заминҳо, додани замин ба хешу таборон ва наздикон, гирифтан ва додани пора хеле зиёд паҳн гаштааст. Барои ин кирдорҳо соли 2011-ум 6 нафар муовинони раисони ноҳияҳо, 21 нафар раисони ҷамоатҳо, 44 нафар раисони хоҷагиҳои кишоварзӣ, 20 нафар раисон ва кормандони кумитаҳои заминсозӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, аз ҷониби суд маҳкум гардиданд.

Масъалаи истифодаи самараноку оқилонаи замин дар ноҳияҳои Б.Ғафуров ва Вахш мавриди баррасии маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифта, кори раисони ин ноҳияҳо ва кумитаҳои заминсозии онҳо ғайриқаноатбахш ҳисобида, онҳо аз вазифаҳояшон озод карда шуданд.

Вобаста ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои замин 1763 амри прокурорӣ дода шуда, ба 984 қарори ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, аз ин ҷумла ба 617 қарори раисони шаҳру ноҳияҳо доир ба истифодабарии замин эътирозҳо оварда шуда, 444 парвандаи ҷиноятӣ оғоз намуда, 896 гектар замин ба ҳолати аввала баргардонида шудааст.

Ҳиссаи мақомоти умури дохила, мубориза бо коррупсия ва дигар мақомоти давлатии дахлдор низ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои замин ва бахусус оиди ба ҳолати аввала баргардонидани замин, хеле нокифоя мебошад.

Дар натиҷаи санҷиши риояи талаботи қонунҳо дар бораи муҳофизати меҳнат ва санитарию эпидемиологӣ камбудиҳои зиёде, минҷумла аз назорати санитарию эпидемиологӣ дур мондани 4072 иншоот, риоя накардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар истеҳсолот муайян гардид, ки баҳри бартарафкунии онҳо 6293 санади эътиноӣ бароварда шуд.

Чорабиниҳои техникаи бехатарӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва сохтмонӣ қариб гузаронида намешаванд ва сол то сол ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот, ки боиси марги кормандон мегарданд, зиёд шуда истодааст. Давоми соли 2011 дар миқёси ҷумҳурӣ 172 ҳодисаи нохуши истеҳсолӣ рух дода, дар 42 ҳолат фавти кормандон ба қайд гирифта шудааст.

Масалан, танҳо дар ҶДММ «Кӯҳандиз»-и шаҳри Душанбе моҳи августи соли 2011 шаш нафар корманд аз таъсири гази партовгоҳ ба ҳалокат расид. Оиди ин ҳодиса парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, гунаҳгорон аз ҷониби суд маҳкум карда шуданд.

Мутаассифона, ҳифзи меҳнати кормандон дар миқёси ҷумҳурӣ аз тарафи масъулини вазорату кумитаҳои ҷумҳуриявӣ, иттифоқҳои касаба, инчунин роҳбарони корхонаву муассисаҳо на ҳама вақт таъмин карда мешавад.

Дар вилояти Хатлон ва шаҳри Душанбе сохтмон ва фаъолият намудани корхонаҳои оҳангудозӣ, ки ҳавои муҳитро вайрон мекунанд, дар вилояти Суғд фермаи хукпарварӣ, ки пасоби ифлосаш ба дарёи Сир мерехт, ошкор ва чораҳо андешида шуд.

Тамоми ҳавзҳои шиноварӣ қад-қади дарёи Варзоб бе обсофкунакҳо сохта шуда, оби ифлос рост ба дарё партофта мешавад ва вобаста ба ин ба мутасаддиёни онҳо амрҳои прокурорӣ дода шуд. Дар фаъолияти Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидимологӣ ва байторӣ оид ба пешгирии касалиҳои сироятӣ дар байни аҳолӣ ва ҳайвонот камбудиҳои зиёд ошкор гардид. Ҳисобот ва маълумоти онҳо бошад, ба ягон воқеият дуруст намеояд. Аз натиҷаи ин санҷишҳо дар маҷмӯъ 102 парвандаи ҷиноятӣ оид ба риоя накардани қоидаҳои санитарӣ ва қоидаҳои техникаи бехатарӣ оғоз карда шуд.

Мақомоти прокуратура ба таъмини ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ диққати махсус дода, ҳар як мурочиати муҳоҷиронро оид ба поймол гардидани ҳуқуқҳои онҳо чӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва чӣ берун аз он баррасӣ ва баҳри бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ошкоршуда чора меандешад.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои муҳоҷирони меҳнатӣ роҳҳои ҳамкориро бо Хадамоти муҳоҷирати навтаъсис муайян намудем. Вобаста ба масъалаи мазкур созишномаҳо байни прокуратураҳои Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой баста шудаанд, ки роҳҳои ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатиро муайян менамоянд.

Яке аз проблемаҳои ҷиддие, ки боиси поймол гардидани ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ гардидааст, ин ҳодисаҳои ғайриқонунӣ аз хатсайрҳо бозгардонии мусофирон ё бозпасгардонии иҷбории онҳо мебошад. Соли 2011 мувофиқи маълумоти мавҷуда 1518 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ аз хориҷи кишвар иҷборан бозпас гардонида шудаанд, ки аз ин 470 нафарашон ба панҷ моҳи охири соли 2011 рост меояд. Мақомоти прокуратура сабабҳои асосии бозпасгардонии шаҳрвандони ҷумҳуриро омӯхта, ҷиҳати аз байн бурдани камбудиҳои ҷойдошта чора меандешад.



Инчунин дар соли 2011 оид ба поймол гардидани ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ 15 мурочиати шаҳрвандонро барои баррасӣ ба Прокуратураи генералии Федератсияи Россия ирсол намуда, нисбати 185 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки дар дигар кишварҳо маҳкум шудаанд, барои адои минбаъдаи ҷазо ба кишварҳои хориҷӣ талабномаҳо ирсол намуда, 30 нафари онҳо ба ҷумҳурӣ оварда шудаанд ва 15 нафари дигар дар арафаи овардан қарор доранд. Ин давра дар ҳудуди Федератсияи Россия шаҳрвандони зиёди мо барои содир намудани ҷиноят маҳкум шудаанд, ки мо ба воситаи Прокуратураи Федератсияи Россия барои расонидани ёрӣ ба онҳо мусоидат карда истодаем.

Прокуратураи генералӣ ба баргузории вохӯрии гурӯҳи кории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо прокурори вилояти Ленинградӣ Федратсияи Россия оид ба куштори шаҳрванди Тоҷикистон Б.Расулов ва ҳолати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон мусоидат намуд.

Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пешгирию ошкор намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ, бахусус додан ва гирифтани пора аҳамияти хоса зоҳир намуда, дар ин давра 94 парвандаи ҷиноятӣ оиди гирифтан ва додани пора ошкор ва оғоз намуда, шахсони порадода ва порагирифта дастгир ва ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Диққати прокуророн ба ошкор намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта вобаста ба истифодабарии маблағҳои буҷетӣ, хариду фурӯши замин, пардохти андоз ва порагирӣ нигаронида шуда, 1778 ҷиноят ошкор карда, аксари парвандаҳои ҷиноятӣ ба судҳо фиристонида шуд.

Санҷишҳои прокурорӣ муайян намуданд, ки Вазорати молия ба як қатор шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ барои фаъолияти ташкилу гузаронидани кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото иҷозатнома додааст.

Субъектони дорои чунин иҷозатнома бошанд, ба ташкил ва гузаронидани бозиҳои тиҷоратии характери қимордошта ва казиноҳо, ки ғайриқонунӣ ва ҳатто ҷиноят мебошанд, машғул гардидаанд. Аз ин рӯ, Прокуратураи генералӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бозхонди чунин иҷозатномаҳо дастур дод, ки ҳоло амалӣ шуда истодаанд.

Бартараф нагардидани ин қонунвайронкунӣ боиси вайрон гардидани ахлоқи ҷомеа ва дар баробари ин сабаби ба вуҷуд омадани зарари моддию молӣ ба шаҳрвандон мегардад.

Саркашӣ аз пардохти андозҳо ва дар ин замина содир намудани ҷиноят низ хеле зиёд паҳн гаштааст. Соли 2011 ҳолатҳои зиёди пинҳонкунии андоз ошкор шуд, ки дар 9 ҳолати он маблағи андозҳои пинҳонкардашуда зиёда аз 1 млн. сомонӣ ва дар 15 ҳолат зиёда аз 500 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Масъалаи иҷрои қонунгузории амалкунанда оид ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои молистеҳсолкунандагони ватанӣ таҳти назорати доимӣ буда, мунтазам мавриди санҷиш ва чораандешӣ қарор гирифта, ҳолатҳои бе асосҳои кофӣ аз ҷониби мақомоти назоратӣ таҳти санҷиш қарор додани фаъолияти соҳибкорон, аз ҷумла соҳибкорони соҳаи истеҳсолӣ, ошкор гардид.

Дар натиҷаи санҷишҳои прокурорӣ баҳри пешгирӣ ва аз байн бурдани қонунвайронкуниҳои ошкоргардида ва сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткарда зиёда аз 190 санади эътиноии прокурорӣ бароварда, 8 парвандаи ҷиноятӣ оғоз шудааст.

Санҷишҳои прокурорӣ собит намуданд, ки дар фаъолияти мақомоти гумрук ҳолатҳои бо роҳи сохтакорӣ кам ҳисоб кардани пардохтҳои гумрукӣ ва дигар қонунвайронкуниҳо ҷой дошта, баҳри пешгирӣ ва бартараф намудани онҳо чораҳои зарурӣ андешида шудаанд. Мақомоти прокуратура аз натиҷаи санҷишҳои ҳолати иҷрои қонунгузории гумрук 23 парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва ба буҷет зиёда аз 7 млн. сомонӣ барқарор кардааст.

Ба назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонон диққати хоса дода, 2044 ҳолати додани шаҳодатномаҳои таҳсилоти умумии қалбакӣ аз ҷониби кормандони соҳаи маориф ва роҳбарони мактабҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияи Рӯдакӣ муайян карда шуд, ки барои ин 9 директор ва муовинони онҳо ва 3 нафар корманди мақомоти маориф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд.

Соли 2011-ум низ мақомоти прокуратура дар партави дастури Сарвари давлат оиди таваҷҷӯҳи хоса ба шикояти шаҳрвандон кори зиёд амалӣ намуд, ки натиҷаҳои мусбӣ дода истодааст. Дар ин раванд қабули шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарият ва кормандони Прокуратураи генералӣ, прокуророни вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҳамарӯза, алалхусус рӯзҳои шанбе ва бо сафар дар маҳалҳо ба роҳ монда шуда, 15368 нафар шаҳрвандон ба мақомоти прокуратура мурочиат намуданд, ки аз ҷониби Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ 1538 нафар ва аз ҷониби прокуророни поёнӣ 7569 нафараш шахсан қабул карда шудаанд.

Аз шумораи умумии мурочиатҳои шаҳрвандон, ки бевосита аз ҷониби кормандони мақомоти прокуратура баррасӣ гардидаанд, 1720 -тоаш асоснок ҳисобида, қонеъ гардида, баҳри барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи шаҳрвандон чораҳои зарурӣ андешида шудаанд.

Дар ин доира ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мавриди тафтишу таҳқиқи ҷиноятҳо, бахусус роҳ надодан ба шиканҷа ва дигар тарзу усулҳои ғайриқонунӣ диққат дода, чораҳои лозимӣ андешида истодаем. Бисту шаш мурочиати шаҳрвандонро оиди ҷой доштани шиканҷа дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ санҷидем. Дар 5 маврид онҳо тасдиқи худро ёфтанд ва гунаҳгорон ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Инчунин санҷишҳо муайян намуд, ки на ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазорату кумитаҳои давлатӣ, идораҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати ба таври дахлдор таъмин кардани талаботи қонун оиди баррасии мурочиати шаҳрвандон тадбирҳои мушаххас андешидаанд. Аз ҷумла ҳолатҳои зиёди сари вақт баррасӣ накардан ва вайрон намудани мӯҳлати баррасии мурочиатҳо ё дар ин бора ба муаллифон хабар надодан дар фаъолияти агентиҳои сохтмон ва меъморӣ, стандартизатсия, метрология ва сертификатсияи савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезӣ, сохторҳои поёнии он, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ошкор ва баҳри бартараф намудани онҳо чора андешида шудааст.

Муовини раиси ноҳияи Мастчоҳ дар давоми солҳои 2010-2011 мӯҳлати баррасии 69 мурочиатро, дар Ҷамоати деҳоти Телмани ноҳияи Қумсангир бошад, мӯҳлати баррасии 114 мурочиати шаҳрвандонро вайрон кардаанд ё ҷавоби хаттӣ надодаанд. Айнан чунин қонунвайронкуниҳо дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Роғун, Рӯдакӣ, Ҳисор, Шаҳринав, Файзобод, Тоҷикобод, Хуҷанд, Исфара, Панҷакент, Истаравшан, Б.Ғафуров, Ҷ.Расулов, Айнӣ, Вахш, Бохтар, Восеъ ва И.Сомонии шаҳри Душанбе низ ошкор гардиданд.

Таҳлили вазъи ҷинояткорӣ дар ҷумҳурӣ нишон дод, ки соли ҳисоботӣ дар миқёси кишвар содиршавии 16860 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати соли 2010-ум 2316 ҷиноят ё 16 фоиз зиёд мебошад. Аз ин миқдор 5505 адади он ҷиноятҳои вазнин буда, афзоиши онҳо 34 фоизро ташкил медиҳад.

Сарфи назар аз афзоиши ҷиноятҳои вазнин, бояд тазаккур дод, ки соли 2011-ум 150 ҳодисаи куштори дар қаламрави ҷумҳурӣ ба қайд гирифташуда ошкор ва гунаҳгорон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд.

Мутаассифона, нишондодҳои оморӣ оид ба ҷинояткорӣ ва кушодашавии онҳо вазъи воқеиро инъикос накарда, кам ба қайд гирифтани ҷиноятҳои тобеияти мақомоти умури дохила ба мушоҳида мерасанд.

Масалан, дар вилояти Хатлон 2,4 фоиз, дар баъзе ноҳияҳои вилоят аз 40 то 66 фоиз (Қумсангир, Сарбанд, Ховалинг), дар ноҳияҳои И.Сомонӣ, Сино, Варзоб ва шаҳри Роғун 23 фоиз, Ҳисор ва Рӯдакӣ 12 фоиз, шаҳри Турсунзода 35 ва ноҳияи Нуробод 43 фоиз ҷиноят кам ба қайд гирифта шудааст. Ин ҳолат бештар барои беҳтар нишон додани натиҷаҳои кор сурат мегирад ва аз нигоҳи мо вазъи воқеии ҷинояткориро инъикос намекунад.

Ҷой доштани гурӯҳҳои авбошон ва қаллобон дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Хоруғ ва дигар ноҳияҳо, ки вазъиятро дар байни аҳолӣ, хусусан ҷавонон, таҳти назорати худ гирифта, мунокишаҳоро бе хабар додан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ худашон ҳал менамоянд, боиси нигаронист.

Зиёд будани миқдори ҷиноятҳои сари вақт ноаёнмонда ва дар мақомот ба қайд нагирифта аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳангоми ошкору тафтиши як ҷиноят боз 10-15 ва аз он бештар ҷинояти дигари дар ягон қайднабуда ошкор мешавад.

Чунончӣ, бо 78 парвандаи ҷиноятии оғознамудаи мақомоти тафтишотии ҷумҳурӣ дар рафти тафтишот боз беш аз даҳ лаҳзаӣ, ҷамъ 3 611 лаҳзаи дигари содиркунии ҷиноят аз ҷониби ҳамин шахсон ё гурӯҳҳо, ки пеш ба қайд гирифта нашуда буданд, ошкор ва ба қайд гирифта шуданд. Бо натиҷаи санҷишҳои прокурорӣ бошад, 514 ҷинояти аз қайд пинҳонмонда ошкор ва ба қайд гузошта шуд.

Аксар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мепиндоранд, ки гӯё зиёд ба қайд гирифтани ҷиноятҳо боиси манфӣ арзёбӣ гардидани фаъолияти онҳо мегашта бошад ва аз ин рӯ, онҳо аз як тараф ба пинҳонкунии ҷиноят, аз тарафи дигар бо кушодани ҷиноятҳо ба ҳар восита, ба сохтакории далелҳо ва истифодаи тарзу усулҳои номатлуби таҳқиқу тафтиш даст мезананд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳолатҳои ба ҳалокат расидани шаҳрвандон ва 5 ҳолати латукӯби шаҳрвандон дар ШКД-и шаҳру ноҳияҳои Ҷ.Расулов, Конибодом, Рашт, Шоҳмансур, Сино ва дигарон ба қайд гирифта шудааст. Оиди ҳамаи ин ҳолатҳо гунаҳкорон ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Ҳолатҳои истифодаи азобу шиканҷа дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ моҳи феврали соли 2011 ба муҳокимаи ҷаласаи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаласаҳои мушовараи вазорату идораҳои ҳифзи ҳуқуқ бароварда шуд. Баҳри пешгирии он чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Ин масъала ҳангоми Шарҳи универсалии даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қароргоҳи женевагии Созмони Милали Муттаҳид низ мавриди муҳокима қарор гирифт. Ин моро водор месозад, ки ба ин масъала боз ҳам диққати хоса диҳем.

Масъалаи ошкору пешгирӣ намудани ҷиноят аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратию низомӣ мадди назари доимии мо мебошад, зеро ҳолатҳо боварии мардумро ба таъмини адлу адолат коҳиш дода, обрӯи ниҳодҳои давлатиро паст менамояд. Дар ин давра нисбати 136 нафар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, қудратӣ ва судӣ парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз ва гунаҳкорон ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Дар натиҷаи чораҳои андешида ва корҳои анҷомдодаи мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳодисаҳои худкушӣ ва сӯиқасд ба он 20,3 фоиз кам шуда бошанд ҳам, то ҳанӯз ташвишовар боқӣ мемонад.

Ҳодисаҳои худкушӣ мисли пештара дар вилояти Суғд бештар рух додаанд, гарчанде онҳо 51 адад назар ба соли гузашта кам шуда бошанд ҳам, ҳанӯз хеле зиёданд. Дар вилояти Хатлон ҳодисаҳои худкушӣ баръакс зиёд гардидааст, ин ҳодисаҳо дар ВМКБ, шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода, Ваҳдат, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Варзоб, Ҳисор, Шаҳринав ва Ҷиргатол низ зиёд рух медиҳанд.

Танҳо ҳолати аз баҳри қиматтарин неъмати дунё – ҳаёт гузаштани шахс мақомоти давлатӣ, хусусан мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқу тартиботро бояд водор намояд, ки роҷеъ ба ин масъала доимӣ таваҷҷуҳ намуда, сабабу шароити онро муайян ва бартараф созанд. Мақомоти прокуратура бо натиҷаи санҷиши ҳодисаҳои худкушӣ ва сӯиқасд ба он 47 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда, аз онҳо 32- тоашон баъди анҷомёбии тафтишоти пешакӣ ба суд ирсол шуд.

Ба мақсади таҳкими мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар чораҳои судманд андешида шуда, аз муомилоти ғайриқонунӣ 4238 кг. маводи нашъаовар мусодира шудааст, ки нисбати соли 2010-ум 335 кг. зиёд мебошад.

Дастгир кардани шаҳрвандони мо дар хориҷи кишвар бо маводи нашъаовар қариб як баробар кам шуда, соли 2010-ум 649 нафар бо 1437 кг., соли 2011 бошад, 446 нафар бо 502 кг. маводи нашъаовар дастгир гардидаанд.

Фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин самт ҳоло ҳам аз камбудиҳо холӣ набуда, мақомоти соҳа асосан ба дастгир намудани интиқолдиҳандагони маводи нашъаовар маҳдуд гардида, дар аксар маврidҳо саркардагон ва роҳбарони гурӯҳҳои ҷиноятпеша номаълум мемонанд.

Боиси таассуф аст, ки дар ҷараёни баамалбарории мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ҳолатҳои аз ҷониби баъзе кормандони ҳифзи ҳуқуқ даст задан ба сохтакории далелҳо, иғвои ҷиноят, пинҳонкунии ҷиноягкорон ва ҳамроҳшавӣ ба дастаҳои ҷиноятӣ ҷой дошта, дар давоми соли 2011 якчанд чунин ҷиноят ошкор шуд.

Баҳри ошкор намудани кушторҳои солҳои пеш ва ба ҷавобгарӣ кашидани ҷинояткорон гурӯҳҳои фаврӣ - тафтишотӣ созмон дода, дар ин давра 15 куштори солҳои пеш ошкор ва парвандаҳои ҷиноятӣ ба суд фиристода шуд.

Мақомоти прокуратура ташкили назоратро бо 14 900 парвандаи ҷиноятие, ки дар пешбурди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор доштанд, таъмин намудааст, ки аз ин 5333 парванда ба мақомоти прокуратура тааллуқ дорад. Дар соли 2011 тафтиши 3080 парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти прокуратура ба анҷом расонида, аз он 2387 парвандаи ҷиноятӣ ба суд ирсол шуда, дар рафти тафтишот 16 млн. сомонӣ ва 293 ҳазор доллари ИМА барқарор шудааст.

Дар соли 2011 бевосита мақомоти прокуратура 4 парвандаи ҷиноятии хусусияти террористидоштаро нисбати 106 нафар тафтиш намуда, ба суд ирсол намуд, ки бо ҳукмҳои судӣ гунаҳгорон маҳкум шуданд.

Ҳамаи 25 нафар маҳбусоне, ки аз маҳбасхонаи тафтишотии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон фирор карда буданд, дастгир ва безарар гардонида, пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати онҳо ва шахсони ба ин амал мусоидатнамуда дар мӯҳлати кӯтоҳтарин ба итмом расонида, ба суд ирсол гардида, гунаҳгорон ба ҷазоҳои сазовор маҳкум шуданд.

Мақомоти прокуратура оиди пурзӯр намудани мубориза бо гурӯҳҳои экстремистӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонида, дар ошкор ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо тадбирҳо меандешанд. Ба прокуророни вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дастур додем, ки баҳри пешгирӣ намудани амалҳои экстремистӣ корҳои фаҳмондадиҳиро бо аҳолӣ зиёд ба роҳ монда, дар ин раванд ҳар сол 2-3 моҳ бо иштироки раисони шаҳру ноҳияҳо, сардорони шӯъбаҳои корҳои дохилӣ, амният, раисони судҳо, роҳбарони кумитаҳои дин, кор бо занон ва ҷавонон дар ҷамоатҳо, деҳаҳо, маҳаллаю кӯчаҳо ва ташкилотҳо вохӯрию сӯҳбатҳо гузаронанд.

Прокуророн дар рафти баррасии судии 10229 парвандаи ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ иштирок намуданд. Оиди ба талаботи қонунҳо мутобиқ намудани қарорҳои судҳо эътирозҳо оварда, дар ҳамкорӣ бо Суди Олӣ ҷиҳати қонунӣ ва асоснок қабул шудани санадҳои судӣ чораҳо меандешем.

Ҷиҳати барқарор намудани товони зарар ба манфиати давлату шаҳрвандон 1101 даъво ба маблағи 126, 8 млн. сомонӣ ба судҳо пешниҳод намудаанд, ки аз ин шумора 1078- тоашон ба маблағи 121, 7 млн. сомонӣ баррасӣ ва қонеъ шудаанд.

Амалан таъмин намудани ҷазои ҷиноятии маҳкумшудагон дар намуди ҷарима, мусодираи молумулк ва рӯёнидани зарари моддӣ аз рӯи ҳалномаҳои судӣ ба таври дахлдор аз тарафи иҷрочиёни судии Вазорати адлия таври дахлдор ба роҳ монда нашудааст.

**(Идома дар саҳ. 5)**

# Қонунҳо ҷонибдорӣ гардиданд, ҳисоботи Прокурори генералӣ ба инобат гирифта шуд

**(Идома аз саҳ. 1, 2, 3, 4)**

Санҷишҳои интихобӣ оид ба иҷрои ҳукми судҳо дар ноҳияҳои Сино, И. Сомонии шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Турсунзода, Ваҳдат, Ҳисор, Шаҳринав ва Варзоб нишон доданд, ки баҳри мусодираи молумулки маҳкумшудагон ягон чора андешида нашуда, бо тартиб додани танҳо як санад оид ба имконнопазир будани иҷрои ҳукми суд маҳдуд гардида, ҳукмҳоро иҷрошуда ҳисобидаанд.

Бо шарофати 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» қабул гардид. Соли 2011 нисбати 17573 нафар маҳкумшудагон авф татбиқ карда, 4676 нафарашон аз адои ҷазо аз муассисаҳои ислоҳӣ озод карда шуд.

Назорати прокурорӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохторҳои низомӣ таври зарурӣ ба роҳ монда шуда, аҳамияти хоса ба таъмини иҷрои қонун, риояи оинномаҳо, интизоми ҳарбӣ, ҳифзи ҳаёт ва саломатии хизматчиён ва нигоҳдории амволи ҳарбӣ дода шуд.

Санҷишҳо собит намуд, ки тайёрии ҳарбӣ ва омодагии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ дар доираи талаботи қонунҳо ва оинномаи ҳарбӣ ташкил карда шуда бошад ҳам, ҳанӯз ба талабот ҷавобгӯ нест. Ҳолатҳои ҷойдошторо ба инобат гирифта, диққати прокуророн ба ташкили самараноки назорат дар Қувваҳои Мусаллаҳ равона шудааст.

Таъмини волоияти қонун, риояи тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва содиршавии ҷиноят, пеш аз ҳама аз сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон вобастагӣ дорад.

Бо назардошти ин кормандони прокуратура вобаста ба тарғибу ташвиқ ва фаҳмондадиҳии қонунгузориҳои ҷорӣ, фармону дастурҳои Президенти кишвар 10320 маротиба баромад доир намудаанд.

**Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ҳисоботро дар бораи фаъолияти мақомоти прокуратура дар соли сипаришуда манзури шумо намуда, умедворам Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмилу ташаккули минбаъдаи фаъолияти мақомоти прокуратура дар тақвияту таъмини волоияти қонун, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ташкили мубориза ба муқобили ҳама гуна зуҳуроти ҷиноӣ ва дар маҷмӯъ субот ва оромии мамлакат, моро роҳнамоӣ менамояд.

Мо, кормандони мақомоти прокуратура, баҳри иҷрои вазифаҳое, ки Конститутсия ва қонунҳо ба зиммаи мо гузоштааст, аз рӯйи виҷдони пок, дасту дили тоза ва дар сатҳи баланди касбӣ омодаем.

**Ташаккур!**

**РАИС:** - Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният, мӯҳтарам Илолов Мамадшо дода мешавад. Марҳамат.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: -Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ! Ҳозирини гиромӣ!**

Тибқи моддаи 94 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 15 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Маҷлиси миллӣ масъул буда, ҳамасола дар бораи ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави мамлакат ҳисобот медиҳад.

Инчунин тибқи қисми 2 Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2011 таҳти №254 Прокурори генералӣ супориш гирифтааст, ки ҷиҳати таъмини ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд, волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, субот ва оромии кишвар тадбирҳои судманд андешад ва дар раванди иҷрои ҳамин супориш мо имрӯз ҳисоботи муфассали Прокурори генералӣ Салимзода Шерхони Одинаро «Оид ба ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011» шунидем.

Прокурори генералӣ дар давраи зикргардида бо амалисозии чораҳои муассири ташкиливу ҳуқуқӣ, иттилоотиву маърифатӣ, таълимиву методӣ, илмиву таҷрибавӣ ва тақвияти самтҳои гуногунҷабҳаи фаъолияти прокурорӣ, аз ҷумла назорати риоя ва иҷрои қонунгузорӣ оид ба замин, андоз, сохтмон ва шаҳрсозӣ, ҳифзи муҳити зист, ҳолати санитарию эпидемиологӣ, муҳофизати меҳнат ва техникаи бехатарӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, алалхусус куштор, коррупсия, қочоқ, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, терроризм, экстремизм, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба роҳ монда, баҳри ҳимояи боэътимоду воқеъии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волоияти қонун, ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсият, ҷамъият ва давлат корҳои назаррасро ба анҷом расонид. Дар натиҷа, нисбат ба соли 2010 тартиботи ҳуқуқӣ ва суботу оромии ҷомеа тадриҷан густариш ёфта, афкори ҷамъиятӣ бобати нақш ва мавқеи прокуратура дар низоми идоракунии давлатӣ, таъмини волоияти қонун ва муносибати оштинопазирона нисбат ба қонуншиканиҳо боз ҳам қавитар гардид.

Чунончӣ, аз ҳисоботи Прокурори генералӣ ва таҳлили он бармеояд, дар соли 2011 аз ҷониби мақомоти Прокуратураи ҷумҳурӣ дар самти иҷрои Қарори дахлдори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Прокурори генералӣ ба хотири баланд бардоштани савияи дониш, малакаи касбӣ, интизоми иҷроии кормандон ва пешгирии коррупсия дар мақомот чораҳои дахлдор андешида, шароити корию маишии кормандонро беҳ гардонида, сохтмони биноҳои нави прокуратураро дар якчанд шаҳру ноҳияҳои кишвар ба анҷом расонд. Заминаи моддию техникии мақомот низ рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст.

Шӯрои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон дар ҷаласаҳои 17 ва 18, ки моҳҳои июн ва сентябри соли 2011 дар Женева баргузор гардиданд, ахбори Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҳолати истифодаи азобу шиканҷа дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дод. Ба назари мо, аз ҷониби Шӯрои номбурда даъват шудани Прокурори генералӣ ва суханронии ӯ дар ҷаласаҳо аз эътирофи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад.

Соли сипаришуда дар байни прокурорҳои Федератсия Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расиданд, ки дар онҳо меъёрҳои ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирон муайян карда шудаанд.

Прокуратураи генералӣ дар ташкили вохӯрии гурӯҳи кории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо прокурорҳои вилояти Ленинград ва шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия оид ба куштори шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Б.Расулов ва баррасии ҳолати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон мусоидат намуд.

Ҳамзамон бояд зикр кард, ки дар фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба ҳол камбудиҳову норасоиҳо ба назар мерасанд. Масалан, дар самти иҷрои қонунгузории замин, алалхусус масъалаҳои ба ҳолати аввала баргардонидани қитъаҳои замин, сохтмони ғайриқонунӣ, сохтакории ҳуҷҷатҳо, хариду фурӯши замин то ба ҳол дар як қатор шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҷой дорад, ки ҳамчун омили ташвишовари фаъолияти мақомоти прокуратура боқӣ мемонад. Вақти он расидааст, ки мақомоти прокуратура нисбат ба зиёдшавии сатҳи ҷинояткорӣ дар байни наврасону ноболиғон чорабиниҳои зарурӣ андешад, зеро солҳои охир дар як қатор шаҳру ноҳияҳо, сарфи назар аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ҳодисаҳои номатлуби муқовимати гурӯҳии талабагони синфҳои болоии як мактаб бо мактаби дигар, бачагони ноболиғи як кӯча бо кӯчаи дигар ба қайд гирифта шудаанд. Дар баъзе ҳолатҳо чунин муноқишаҳо, бадбахтона, ба ҷинояти мудҳиш –куштор оварда мерасонад. Дар ҳисобот оид ба сабабҳо ва омилҳои ҳодисаҳои худкушӣ, сӯиқасд ба он ва роҳу усулҳои пешгирии ин падидаи бад мавриди таҳлил қарор нагирифта, тавсияҳои дахлдор тавассути эътинои прокурорӣ дар сатҳи зарурӣ ба дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти маҳаллӣ манзур нашудаанд. Аз ҳисоби 47 парвандаҳои ҷиноятии оғозшуда нисбати ҳамин гуна ҳодисаҳо 32-то ба суд ирсол шудааст, вале оид ба қабули санадҳои судӣ нисбат ба ҳамин парвандаҳо маълумоти пурра ба назар намерасад.

Дар ҳисобот омадааст, ки ҷиҳати таҳкими мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар як қатор чораҳо андешида шудаанд ва маводи нашъаовар нисбат ба соли 2010-ум 335 кг зиёд аз муомилот гирифта шудааст. Дар як вақт теъдоди шаҳрвандони дар хориҷи кишвар бо маводи мухаддир дастгиршуда нисбат ба соли 2010-ум 203 нафар камтар мебошад. Нигаронии мақомоти прокуратура оид ба фаъолияти номукаммали мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин самт қобили таваҷҷуҳ мебошад. Дар ҳақиқат, дастгир намудани интиқолдиҳандагони маводи нашъаовар бе муайян намудани саркардагон ва роҳбарони гурӯҳҳои ҷиноятпеша проблемаи мубориза алайҳи муомилоти маводи мухаддирро аз байн намебарад.

Дар самти ошкор намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии характери коррупсионидошта вобаста ба истифобадарии маблағҳои буҷетӣ, хариду фурӯши замин, пардохти андоз ва порадиҳӣ мақомоти прокуратура корҳои зиёде ба анҷом расонидааст. Вале ҷараёни афзоиши ҳарсолаи бақияпулиҳои қарзи андоз идома ёфта, ҳолатҳои бе асосҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти назоратӣ таҳти санҷиш қарор додани фаъолияти соҳибкорон то ба ҳол ба чашм мерасад.

Мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки фаъолияти худро дар раванди мубориза алайҳи ҷиноят дар ҳамкории зич ва ҳамоҳангӣ бо мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва қудратӣ тақвият бахшад. Мақомоти прокуратура бояд дар самти пурзӯр намудани робита бо ҷомеаи шаҳрвандӣ чораҳои муассир андешад, зеро чунин раванд эътимоди мақомотро дар байни оммаи васеи мардум афзун менамояд.



**Анвар ҶАЛИЛОВ:** - Мутаассифона, аз ҷумлаи амалҳои номатлуб чун фоҳишагӣ ба назар мерасанд, ки сабабгори паҳншавии бемориҳои сироятӣ мегарданд. Аз ин рӯ, зарурати аз ҷиҳати қонунӣ пешгирӣ намудан ва андешидани чораҳои қатъӣ пеш омадааст.

Чунончӣ, ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон иловаи зайл пешниҳод мешавад: «Дар ҳолати давоми сол баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани фоҳишагӣ ҷазои маъмурӣ дар намуди ҳабси маъмурӣ ба муддати аз 15 то 30 рӯз муқаррар карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС: -Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баррасӣ шуданд. Доир ба тартиби бурдани иҷлосия, баррасӣ намудани масъалаҳо таклифу эродҳо ҳастанд? Ба раисони кумитаҳо, аъзои Маҷлиси миллӣ барои иштироки фаъолонаатон дар кори иҷлосия ташаккур мегӯем!

Дар Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 31 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла 9 қонуни мукаммал ва 22 қонун дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардид, ки аз ин шумора 30-тои он ҷонибдорӣ карда шуд.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, Наврӯзи хуҷастапайро бо самимитарин орзуҳо ба шумо ва пайвандонатон табрик намуда, ба ҳамаатон тандурустии бардавом ва саодату сарбаландиро таманно дорам.

Бо ҳамин Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро пӯшида эълон менамоям.

*(Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад).*

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Абдулмаҷид МУРОДОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

---

**• Буҷети давлатӣ ва назорати иҷрои он**

# ВАЗЪИ МЕЛИОРАТИВИИ ЗАМИНҲО БЕҲТАР МЕГАРДАД

***Оид ба масъалаҳои иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буҷетҳои маҳаллӣ ҷиҳати амалӣ гардидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 таҳти № 612 «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» гурӯҳи кории вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ба вазъи тайёрии пойгоҳ, шабакаҳои обкашӣ ба мавсими обтаъминкунии соли ҷорӣ шинос шуданд.***

***Хабарнигорамон бо раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Саиди Ёқубзод ва муовини раиси кумитаи мазкур Маҳмадамин Ҳисориев ҳамсӯҳбат гардида, хоҳиш намуд, ки натиҷаи сафарро тавзеҳ диҳанд.***

**Саиди ЁҚУБЗОД:** -Дар асоси нақшаи кории Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология гурӯҳи вакилон ба вилояти Суғд сафари корӣ намуданд. Баробари шинос шудан бо рафти амалӣ гардидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 таҳти № 612 «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» ҳамзамон ба ҳолати омодагии пойгоҳҳои обкашӣ ба мавсими киштукор ошно гардидем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои истеҳсоли таҷҳизоти техникӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ барои пойгоҳҳои обкашӣ вуҷуд надоранд. Ҳамаи он аз хориҷи кишвар дастрас мешавад ва маблағи зиёдро талаб менамояд. Барои таъмини он маблағи буҷети мутамарказу маҳаллӣ кифоя нест ва ҷалби сармоягузориҳо зарур мебошад.

Ҳоло бо ин мақсад беш аз 5 лоиҳаи сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад.

Аз ҷумла дар пойгоҳҳои обкашии Хоҷабоқирғони вилояти Суғд аз ҳисоби маблағҳои қарзии Бонки Рушди Осиё як адад пойгоҳи обкашии шинокунанда, ки дорои 11 агрегат (иқтидори ҳар яке 1000 литр дар як сония) харидорӣ шуд. Ин пойгоҳ дар обанбори Қайроққум сохта шудааст ва маблағгузории он беш аз 7 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Ба воситаи он бештар аз 10 ҳазор гектар (бо назардошти аҳолӣ) заминҳои ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Ҷаббор Расулов бо об таъмин карда мешавад.

Умуман, дар вилояти Суғд заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ бештар аз 238 ҳазор гектарро ташкил медиҳанд, ки 70 фоизи он тавассути истгоҳҳои обкашӣ то панҷ бардошт обёрӣ мешаванд. Барои бо об таъмин намудани ин миқдор заминҳо 178 адад истгоҳи обкашӣ, 685 адад дастгоҳи обкашии барқӣ, 1247 адад ҷоҳи амудӣ, 1365 км канал, 1228 адад иншооти гидротехникӣ, се адад обанбор ва дигар иншоот истифода бурда мешаванд.

Бисёр истгоҳу иншооти обкашӣ кӯҳнаю фарсуда мебошанд. Аввалин пойгоҳҳои обкашӣ солҳои панҷоҳум ва охиринаш солҳои 80-уми асри гузашта сохта шудаанд. Аз рӯйи талаботи технологӣ мӯҳлати истифодаи чунин пойгоҳҳои обкашӣ то 25 сол мебошад. Аз ин сабаб тамоми пойгоҳҳо таъмири ҷиддиро тақозо менамояд.

Бо вуҷуди ин, бо истифода аз фурсату имконият, пойгоҳҳо ва дигар иншооти обкаширо таъмиру тармим намуда, ба мавсими обёрии зироатҳои кишоварзӣ омода менамоянд.

Бо сабаби маҳдудияти истифодаи нерӯи барқ, кишоварзон имкони гузаронидани тадбирҳои агротехникиро (обшӯй намудани заминҳои шӯр, яхобмонӣ) надоранд, ки ба коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ сабаб мешавад.

Бояд зикр намуд, ки баҳри таъмини иҷрои қарори мазкур дар вилояти Суғд як қатор тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардонида шудааст. Аз ҷумла соли 2010 беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 4040 гектар замин ба маблағи 2828 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда буд. Давоми соли 2011-ум 4070,6 гектар ҳолати мелиоративии заминҳо беҳтар гардонда шуд, ки 101 фоизи нақшаро ташкил медиҳад. Ин тадбирҳо дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Ашт, Зафаробод, Мастчоҳ, Спитамен. Б. Ғафуров ва Ҷ. Расулов беҳтар амалӣ гардонида шудааст.

Баробари ин, бояд зикр намуд, ки рафти ҷудо намудани маблағҳои пешбинишуда тибқи нақша сурат нагирифта, ба ҷои 2828 ҳазор сомонии пешбинишуда соли гузашта танҳо 1977,2 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ шудааст, ки нисбати нақша 70 фоизро ташкил медиҳад.

Бо сабаби аз тарафи хоҷагиҳои кишоварзӣ сари вақт пардохт нашудани ҳаққи хизмати обрасонӣ қарзи онҳо дар назди ташкилотҳои обрасон сол то сол афзуда, дар ҳолати 1 январи соли 2012-ум 84,6 млн. сомониро ташкил медиҳад. Аз ин сабаб хароҷоти амалии ташкилотҳои обрасони вилоят соли 2011 –ум 45099,1 ҳазор сомонӣ буда, даромади умумӣ аз оби додашуда 27732,5 ҳазор сомониро ташкил дод. Вобаста ба ин, соли сипаришуда, бо назардошти маблағгузории фаъолият аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ, бо зарари умумӣ ба маблағи 10539,6 ҳазор сомонӣ ҷамъбаст шуд ва зарари умумӣ бештар аз 40 млн.сомонӣ мебошад.

Бисёр мушкилот дар бахши пардохти андоз ба назар мерасад. Аз ин сабаб вобаста ба истифодаи об ва ҳаққи хизматрасонии он ворид намудани тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳоло муҳокимаи он идома дорад, пешбинӣ шудааст.

**Маҳмадамин ҲИСОРИЕВ:** - Зимни сафари корӣ дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод, Ҷаббор Расулов, Спитамен, Бобоҷон Ғафуров, Қайроққум ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда, пойгоҳҳои обкашӣ, шабакаҳои обёрӣ, хароҷоти маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷиҳати татбиқи барномаҳои қабулгардида ва омодагӣ ба мавсими обдиҳӣ, вазъи муҳити зист, мақсаднок истифодабарии қитъаҳои замин, рафти корҳо оид ба иҷрои тавсияҳои қаблан аз тарафи Парлумон додашуда санҷида шуд.

Дар вақти вохӯриҳо бо Раёсати хоҷагии оби вилояти Суғд, Кумитаи заминсозӣ ва геодезӣ, раисон ва муовинони раисони ноҳияҳои дар боло зикргардида масъалаҳои ҳолати мелиоративии заминҳо, омодагӣ ба мавсими обтаъминкунӣ, ҷудо кардани маблағҳои зарурӣ аз тарафи буҷети маҳаллӣ, мақсаднок истифода гаштани онҳо ва умуман рафти иҷрои барномаи давлатӣ, муҳокима шуд.

Рӯзи 26 феврали соли 2012 дар шаҳри Хуҷанд бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва ноҳияи Б.Ғафуров мизи мудаввар оид ба масъалаҳои истифодаи об, ҳолати мелиоративии заминҳои ноҳияҳои номбурда доир гардид.

Мушоҳида шуд, ки сарфи назар аз мушкилоти ҷойдошта, аз тамоми имконот истифода мебаранд, то иншооти гидротехникӣ ба мавсими обёрӣ омода бошанд.

Дар мизи мудаввар рӯйдодҳои экологии солҳои охир ва тадбирҳои вобаста ба он андешидаи Парлумон, аз ҷумла дар бораи иҷрои қонунҳои қабулгардидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», «Дар бораи аудити экологӣ», «Дар бораи мониторинги экологӣ», тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи истифодабарии захираҳои об дар вилоят ва минтақа, ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парлумон дар ин самтҳо зикр шуд.

Ҳамзамон вобаста ба объектҳои саноатӣ ва объёрии кишоварзии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар минтақаҳои Бекобод ва Олмалиқ, таъсири онҳо ба заминҳои кишоварзӣ ва саломатии аҳолии ноҳияҳои Зафаробод, Мастчоҳ, Ашт, Спитамен, пасобҳои заминҳои обёришавандаи кишоварзии ҷумҳуриҳои ҳамсоя ба сифати оби Сирдарё ва обанбори Қайроққум, ба муҳити зисти вилоят бо далелҳои мушаххас маълумоти дахлдор дода шуд.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

---

Бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 феврали соли 2009 таҳти №622 «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма» мақолаи «Муколама бо мардум омили муҳими кафолати эътимоди онҳо ба ҳокимияти қонунгузор аст», ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 6 феврали соли 2012 таҳти №15 (2842) ба нашр расидааст, бо омӯзиши маводҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар рӯзнома доир ба мурожиати вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Кӯлоб аз ҳавзаи интихоботии таҳти №4 Л.Мирзоев дар бораи бе гузаронидани мурофиаи судӣ баррасӣ намудани парвандаи иқтисодӣ ва қабули ҳалнома аз ҷониби судяи Суди иқтисодии вилояти Хатлон Б.И.Раҳимов, ки ба унвони Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурожиат намудааст, нашр гардидааст.

# БА «САДОИ МАРДУМ» ҶАВОБ ОМАД

Аз маводҳои санҷишӣ бармеояд, ки аризаи даъвоии хоҷагии деҳқонии «Ризоев Амир»-и ноҳияи Восеъ бо ҷавобгарии ҶСК «Пахтаи Кӯлоб» оид ба рӯёнидани маблағи қарз ба андозаи 13117 сомонӣ бо таъиноти судяи Суди иқтисодии вилояти Хатлон Б.И.Раҳимов аз 14 октябри соли 2010 ба баррасӣ қабул гардида, омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ гузаронида шуда, маҷлиси пешакии судии парванда ба рӯзи 28 октябри соли 2010 соати 11 дар бинои Суди иқтисодии вилояти Хатлон таъин карда шудааст.

Минбаъд, баррасии ин парванда, ба рӯзҳои 29 октябри соли 2010 (дар бинои ҶСК «Пахтаи Кӯлоб», воқеъ дар шаҳри Кӯлоб), 24 феврали соли 2011 (дар бинои Суди иқтисодии вилояти Хатлон, воқеъ дар шаҳри Қӯрғонтеппа) ва 7 марти соли 2011 (дар бинои Суди иқтисодии вилояти Хатлон, воқеъ дар шаҳри Қӯрғонтеппа) таъин шуда, оид ба баргузории мурофиаҳои судӣ дар ин рӯзҳо протоколҳои маҷлиси судӣ тартиб дода шудаанд.

Дар натиҷа, бо қабули ҳалнома аз санаи 7 марти соли 2011 даъвои хоҷагии деҳқонии «Ризоев Амир» қисман қонеъ карда шуда, қарор гардидааст, ки аз ҳисоби ҶСК «Пахтаи Кӯлоб» ба фоидаи даъвогар 7,351 сомонӣ ва 147 сомонӣ маблағи хароҷоти судӣ рӯёнида шавад.

Аз рӯйи аризаи Л.Мирзоев аз ҷониби мақомоти прокуратура санҷиш гузаронида, муайян гардидааст, ки дар асл мурофиаҳои судӣ вобаста ба ин баҳс дар рӯзҳои зикршуда доир нагардида, беасос протоколҳои маҷлиси судӣ тартиб дода шудаанд ва дар онҳо оид ба иштироки намояндагони тарафҳои ин шахсони ҳуқуқӣ ишора гардидааст.

Мухолифате, ки зимни санҷиши ин ваҷҳи муаллифи мурожиат ошкор карда шуд, баргузории мурофиаи сайёри судиро бо ин парванда низ дар бинои ҶСК «Пахтаи Кӯлоб» зери шубҳа мегузорад. Аз ин рӯ, тибқи пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур бояд мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» сурат бигирад. Ҳоло масъалаи аз вазифаи судяи Суди иқтисодии вилояти Хатлон озод намудани Раҳимов Баҳриддин Исмонович гузошта шудааст.

Бо дарназардошти ҳолатҳои мазкур пешниҳоди Раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 феврали соли 2012 таҳти №2 дар бораи имконпазирии озод намудани Б.И.Раҳимов аз вазифаи судяи Суди иқтисодии вилояти Хатлон маводҳо барои додани хулоса ба Коллегияи тахассусии судяҳои назди Шӯрои адлия ирсол гардидааст, ки дар марҳилаи баррасӣ қарор доранд.

***М.С.ҚАЛАНДАРОВА,***
***муовини раиси Шӯрои***
***адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

---

## Вакилони халқ 1938-2010



# ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

### НАЗАРОВА Хайринисо

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Путовский №23, шаҳри Душанбе***



Соли 1928 дар шаҳри Қӯрғонтеппа таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиаш соли 1942 оғоз мегардад. Аз соли 1951 ҳунарпешаи Театри академии драмавии ба номи Лоҳутӣ буд.

Артисткаи хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон. Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва бо се Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

### НАРЗИБЕКОВ Маҳмудбек



***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Свердлов №24, шаҳри Душанбе***

Соли 1919 дар ноҳияи Исфара таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Масъули дастгоҳи КМ ҲК Тоҷикистон, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳиявии Кировобод, котиби якуми КМ ЛКСМ Тоҷикистон ҷонишини мудири шӯъбаи КМ ҲК Тоҷикистон буд. Солҳои 1956-1960 котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Москва, соли 1960 раиси комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони шаҳри Душанбе шуда кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, Ҷанги Ватании дараҷаи II мукофотонида шудааст.

### САЙФУЛЛОЕВА Покизамоҳ

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Институти хоҷагии қишлоқ №25, шаҳри Душанбе***



Соли 1935 дар шаҳри Исфара таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1955 ҳамчун устои Раёсати бинокории №1-и «Таджикгражданстрой» сар кардааст. Аз соли 1959 муҳандиси шӯъбаи истеҳсолӣ-техникии Раёсати бинокории №19 шуда кор мекард.

### РОГУЛИНА Евгения Ивановна



***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Студентӣ №26, шаҳри Душанбе***

Соли 1906 дар шаҳри Куйбишев таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ олӣ. Фаъолияти саҳнавиаш аз соли 1926 сар мешавад. То соли 1952 дар шаҳри Ашқобод кор мекард. Аз соли 1952 ҳунарпешаи Театри драмавии русии ба номи В. Маяковскии шаҳри Душанбе буд.

Ҳунарпешаи хизматнишондодаи ҶШС Туркманистон ва ҶШС Тоҷикистон. Бо медалҳои «Барои меҳнати шоён» ва «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

### СЕМЕНОВ Семен Леонтевич

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Турдиев №27, шаҳри Душанбе***



Соли 1928 дар кишвари Олтой таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ олӣ.

Сармуҳандис, директори Заводи механикии «Трактородетал»-и Душанбе, аз соли 1961 котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти шаҳри Душанбе, аз соли 1962 ҷонишини Раиси Бюрои КМ ҲК Тоҷикистон шуда кор кардааст.

Бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.

### МАЪСУМӢ Носирҷон Асадович



***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шевченко №28, шаҳри Душанбе***

Соли 1915 дар деҳаи Қаратоғи ноҳияи Ҳисор таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Аз соли 1943 мудири кафедраи забон ва адабиёт, ҷонишини директори Институти омӯзгории Душанбе, аз соли 1959 директори Институти забон ва адабиёти АИ ҶШС Тоҷикистон буд.

Номзади фанҳои филологӣ, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.

Бо орденҳои «Нишони Фахрӣ» медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва бо ду Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

### АЗИЗОВА Хумор

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Армияи Сурх №29, шаҳри Душанбе***



Соли 1922 дар ноҳияҳои Ҳисор таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Соли 1952 ба фабрикаи дӯзандагии рақами 1, шаҳри Душанбе ба кор медарояд. Соли 1958 курси дӯзандагиро тамом намуда, дар фабрика усто-буранда шуда кор кардааст.

### НАЗИРОВА Умрӣ



***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Куйбишев №30, шаҳри Душанбе***

Соли 1911 дар шаҳри Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ. Аз соли 1928 дар системаи маорифи халқи ҷумҳурӣ кор карда, аз соли 1959 ба Омӯзишгоҳи омӯзгории томактабӣ сардорӣ намудааст.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» бо медалҳою ифтихорномаҳои Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст. Аълочии маорифи халқ, Муаллими хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон буд.

(Давомаш дар шумораҳои оянда)

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**
**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

**• Моликияти зеҳниро қонун ҳимоя мекунад**

# Ҳифзи ҳуқуқи муаллиф

Пешрафти техникаву технологияи муосир имкон медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳтарин асарҳои муаллифони дохиливу хориҷӣ сабт ва бо тарзҳои гуногун истифода карда шаванд. Вале мо набояд аз ёд барорем, ки ин истифодабарӣ ҳатман дар асоси қонун ва санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, бояд сурат гирад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон нияти ҳамроҳ шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдоро (СУС) дорад. Яке аз масъалаҳои муҳим барои ҳамроҳ шудан ба ин созмон ин мубориза бар зидди вайрон шудани ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, аз он ҷумла «ғоратгарӣ (пиратство)»–и моликияти зеҳнӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи таҳиягарони асари аудиовизуалӣ ва истеҳсолкунандагони фонограммаҳо мебошад.

Санади асосии меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф, аз ҷумла ҳуқуқи таҳиягарони асари аудиовизуалӣ ва истеҳсолкунандаи фонограммаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» таҳти №726 аз 13 ноябри соли 1998 аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф ба як қатор шартномаҳои байналмилалӣ ҳамроҳ шудааст. Дар соҳаи мазкур дар қаламрави ҷумҳурӣ «Конвенсия дар бораи таъсиси Созмони Умумиҷаҳонии Моликияти Зеҳнӣ» (Тоҷикистон соли 1991 ҳамроҳ шудааст), «Конвенсияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи муаллиф» (с. 1992), «Созишномаи ҳамкорӣ оид ба ҳуқуқи муаллиф» (байни 11 кишвари ИДМ, с. 1993), «Конвенсияи Берн оид ба ҳифзи асарҳои адабӣ ва бадеӣ» (с. 2000), «Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи манфиатҳои ҳунармандон – иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ташкилотҳои радио ва телевизион» (с. 2008), «Аҳдномаи Созмони Умумиҷаҳонии Моликияти Зеҳнӣ оид ба ҳуқуқи муаллиф» (с. 2009) ва «Аҳдномаи Созмони Умумиҷаҳонии Моликияти Зеҳнӣ оид ба иҷро ва фонограммаҳо» (с. 2011) амал мекунанд.

Дар зери мафҳуми таҳиягари асарҳои аудиовизуалӣ мутобиқи қонуни мазкур шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ташаббус ва масъулияти таҳияи асарро ба ӯҳда гирифтааст, дар сурати мавҷуд набудани далели дигар шахсе, ки ном ва унвони ӯ дар асари мазкур ба таври оддӣ сабт ёфтааст, фаҳмида мешавад.

Дар баъзе кишварҳои ИДМ, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони ҳуқуқӣ (ширкатҳо, студияҳо ва ғайра) барои таҷдид ва паҳн намудани асарҳои аудиовизуалӣ дар маҳали муқарраршуда ба мӯҳлати муайян иҷозатнома мегиранд.

Истеҳсолкунандаи фонограмма тибқи қонун шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ташаббус ва масъулияти аввалини сабти овозии ягон иҷро ё дигар овозҳо ё инъикоси овозҳоро ба ӯҳда гирифтааст, дар сурати мавҷуд набудани далели дигар, шахсе, ки ном ё унвони ӯ дар ин фонограмма ва ё дар ғилофи(ҷилди) он ба таври маъмулӣ сабт ёфтааст, таҳиягари фонограмма ба ҳисоб меравад.

Асари аудиовизуалӣ аз силсилаи кадрҳо (аксҳо)-и сабтшудаи бо ҳам алоқаманд (бо овоз ё бе овоз) иборат буда, барои дарки босирӣ ва сомеа (бинои ва шунавоӣ) ба воситаи таҷҳизоти техникӣ пешбинӣ шудааст. Ба асарҳои аудиовизуалӣ, ки объекти ҳуқуқи муаллиф мебошанд, асарҳои синамоӣ, филмҳои телевизионӣ, бадеӣ, ҳуҷҷатӣ, илмӣ, тасвирӣ, диафилмҳо ва слайдфилмҳо дохил мешаванд.

Фонограмма ин сабти овозҳои иҷро ва ё дигар садоҳо ё инъикоси онҳо, ба ғайр аз сабти овоз, ки ба асари аудиовизуалӣ дохил карда шудааст, мебошад.

Ба андешаи тадқиқотчиён, таҳлилгарон ва коршиносон вазъият оид ба ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ бештар дар кишварҳои мутараққӣ беҳбудӣ мехоҳад. Дар ин кишварҳо филмҳои видеоӣ ва фонограммаҳо бо дағалона вайрон кардани ҳуқуқҳои истеҳсолкунандагон нашр шуда истодааст ва «ғоратгарӣ» шакли муташаккили устувор пайдо кардааст. Ворид кардани нусхаҳои нави асарҳои аудиовизуалӣ, зиёд намудани нусхаҳо ва ороиши босифат, фурӯши чакана ва яклухти ин асарҳо ба роҳ монда шудааст.

Истилоҳи «ғоратгарӣ» ё «ғоратгарии моликияти зеҳнӣ» барои ифода намудани усулҳои гуногуни азхудкунии ғайриқонунӣ ва истифодаи моликияти зеҳнии бегона, аз он ҷумла ҳуқуқҳои муаллифони илмӣ, адабӣ ва бадеӣ, ҳуқуқҳои вобаста ба он - иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ, истифода мешавад.

Истифодаи ғайриқонунии асарҳои аудиовизуалӣ- «ғоратгарӣ» аксаран бо тариқи зайл сурат мегирад:

- таҷдиди маҳсулоти синамо ва видео бо роҳи нусхабардорӣ дар видеокассетаҳо бо сабти филмҳо, филмҳои тасвирӣ, консертҳо ва ғайра;
- паҳнкунии маҳсулоти синамо ва видео тариқи фурӯши яклухт ва чакана, инчунин ба иҷора супоридани видеокассета ва фиттаҳо;
- намоиши оммавии филмҳои синамо ва видео дар видеосалонҳо ва телевизиони кабелӣ.

Ҳуқуқҳои истеҳсолкунандагони фонограммаҳо бошад, дар ҳолатҳои зерин поймол мешавад:

- ба ҳар гуна тарзу усул тағйир додан ва дигаргун сохтани фонограмма;
- бе иҷозати истеҳсолкунандагон паҳн кардани нусхаҳои фонограмма, яъне фурӯхтан, ба кироя додан ва ғайра.

Мутобиқи моддаи 47 қонуни мазкур нусхаҳои асар ва фонограммае, ки таҳия ва паҳн намудани онҳо боиси вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он мешавад, нусхаҳои ғайриқонунӣ ба ҳисоб меравand.

Мутобиқи моддаи мазкури қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе розигии соҳибҳуқуқ ворид намудани нусхаҳои асарҳо ва фонограммаҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонун ҳифз мешаванд, аз давлате, ки дар он ин асару фонограммаҳо ҳифз намешаванд ё ҳифзи онҳо қатъ гардидааст, низ вайрон кардани ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ба ҳисоб меравад. Шахсоне, ки ба вайронкунии қонун роҳ медиҳанд, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ҳифзи ҳуқуқи муаллиф, аз он ҷумла ҳифзи ҳуқуқи таҳиягарони асарҳои аудиовизуалӣ ва истеҳсолкунандагони фонограммаҳо мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

Дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 376) барои ғайриқонунӣ тайёр намудан, ворид кардан, фурӯхтан, ба кироя додан ва ба таври дигар истифода намудани нусхаҳои асарҳо ва фонограммаҳо(контрафакт) ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳафт то даҳ ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз дусад то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъин карда мешавад.

Тибқи моддаи 381 Кодекси мазкур ҷиҳати риоя накардани ҳуқуқи таҳиягарони асарҳои аудиовизуалӣ ва истеҳсолкунандагони фонограммаҳо барои гирифтани ҳаққи қалам ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳафт то даҳ ва ба шахсони мансабдор аз панҷоҳ то ҳафтод нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда шудааст.

Ғайриқонунӣ истифода бурдани объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ тибқи моддаи 156 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

Тибқи моддаи 294 Кодекси мазкур барои гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот гунаҳгор бо ҷарима ба андозаи то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё ба корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

Ҳаҷми вусъатёбӣ ва хусусиятҳои хоси мубориза бо «ғоратгарӣ» дар соҳаи моликияти зеҳнӣ масъалаи дар оянда боз ҳам такмил додани ҳамкории муассиса ва идораҳои дахлдорро талаб мекунад.

*Аҳмадалӣ ҲАМИДОВ,*
*сармутахассиси шӯъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобастаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ТЕЛЕФОНИ БОВАРӢ ЗЕРИ НАЗОРАТИ ВАЗИРИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ҚАРОР ДОРАД

***Пешгирии ҷинояткориву таъмини суботу оромӣ дар кишвар, на танҳо вазифаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки қарзи шаҳрвандии ҳар фарди солимақли ҷомеа ба шумор меравад. Маҳз бо мақсади густариши ҳамкории мардум бо кормандони милитсия бо фармони вазири корҳои дохилӣ генерал-лейтенанти милитсия Рамазон Раҳимов дар назди Вазорати корҳои дохилӣ телефони боварӣ бо рақамҳои хотирмони 221-21-21 таъсис дода шуд.***

Телефони боварӣ ба таври шабонарӯзӣ фаъолият намуда, ҳар нафар метавонад бевосита бо он занг зада, бе сарфи маблағ аз ҳама гуна шабакаҳои телефонӣ, ройгон оид ба ҳама гуна қонуншиканӣ, ҷиноятҳои вазнин, аз қабили тахрибкорӣ, ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ ва ё террористидошта, одамкушӣ, одамрабоӣ ва ғайра арзу шикояти худро пешниҳод намояд. Ҳар як хабар ва маълумоти пешниҳодшуда бевосита ба вазири корҳои дохилӣ пешниҳод гардида, нисбати ҳар як далел санҷиши воқеъбинона гузаронида шуда, қарорҳои қонунӣ қабул карда мешавад.

Барои ирсол намудани хабарҳо оид ба содиршавии ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки тасдиқи худро ёфтаанд, аз тарафи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасманд ва қадрдонӣ шуда, дар ҳолати зарурӣ махфияти шахсони ахборотдиҳанда кафолат дода мешавад.

Дар муддати кӯтоҳи таъсиси телефони боварӣ шумораи зиёди шаҳрвандон оид ба мушкилоти худ, камбудиву норасоиҳо дар фаъолияти баъзе аз кормандони милитсия ва дигар қонуншиканиҳо дар ҷомеа ахбор пешниҳод намуданд.

Дар тӯли як моҳи фаъолияти ин робитаи боэътимод бо мардум 84 арзу шикояти шаҳрвандон ворид гардидааст, ки аз он 26 далелаш маълумоти шаҳрвандон оид ба ҳуқуқвайронкунӣ ва содиршавии ҷиноятҳо мебошанд. Аз ҷумла дар бораи содиршавии ҷиноятҳои қаллобӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ, вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва дигар қонуншиканиҳо.

Тариқи телефони боварӣ дархости шаҳрванд Шерхонов Абдулмӯъмин Аҳмадович - сокини шаҳри Кӯлоб, хабарнигори радиои «Озодӣ» ворид гардид, ки мувофиқи иттилои ӯ гӯё моҳи майи соли 2010-ум дар шаҳри Кӯлоб, кӯчаи И. Сомонӣ шахсони номаълум бо тариқи пинҳонӣ ба муассисаи рӯзномаи «Пажвог» ворид шуда, аз он ҷо диктофон, дастгоҳи аккосӣ ва дигар ашёҳои журналистиро ба маблағи 3000 сомонӣ дуздидаанд. Вобаста ба ин маълумоти шаҳрванд ҷинояти мазкур ба қайд гирифта, парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд ва ҳоло тафтишот идома дорад.

Тариқи телефони боварӣ, инчунин шикояти шаҳрванд А.Мақсадов ворид гардид, ки гӯё шаҳрванд Мудиков Анвар аз ӯ бо роҳи фиреб маблағи 2 700 доллари амрикоиро гирифтааст.

Дар вақти санҷиш далели мазкур тасдиқи худро ёфт ва аз тарафи кормандони ШКД шаҳри Турсунзода чораҳои зарурӣ андешида шуда, парвандаи ҷиноӣ оғоз гардид. Тафтишот идома дорад.

Дар ин давра, инчунин тавассути телефони боварӣ 5 далели пешниҳоди шаҳрвандон барои беҳтар намудани фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар ошкор намудан ва пешгирии содиршавии ҷиноятҳо, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ворид гардидааст.

Шаҳрванд Р.Пулатов оид ба наклиёти мусофиркаш ва камбудиҳои дар он ҷойдошта пешниҳод намуд, ки дар мавриди аз ҷониби ронандагон худсарона тағйир додани ҷойҳои нишаст дар дохили автомобилҳои мусофиркаш чораҳои таъсирбахш андешида шавад. Вобаста ба пешниҳоди ин шаҳрванд бо супориши вазири корҳои дохилӣ, аз ҷониби РБДА рейдҳои махсус доир карда шуд, ки дар натиҷа 36 далели ҷиҳозонидани воситаҳои наклиёти мусофиркаш бо курсиҳои зиёдатӣ ва 126 далели аз меъёри муқарраргардида зиёд савор намудани мусофирон ошкор карда шуд. Ронандагони ин наклиётҳои мусофиркаш ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб карда шуданд.

Дар қатори дигар хабару муроҷиатҳо, инчунин шаҳрвандон нисбати фаъолияти баъзе аз кормандони мақомоти корҳои дохилӣ низ арзу шикояти худро пешниҳод намуданд. Аз ҷумла нисбати кормандони бахши БДА -24 адад, бахши кофтукови ҷиноӣ -6, кормандони Раёсати корҳои дохилии вилояти Суғд -5, Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе -4, бахши ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ -3 ва нисбати дигар ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ -5 ададро ташкил медиҳад.

Аз шумораи умумии маълумоти воридгардидаи марбут ба Бозрасии давлатии автомобилӣ то имрӯз 7 далели он санҷида, ба ашхоси шикоятнамуда ҷавобҳои хаттӣ фиристода шуд. Вобаста ба шикояти шаҳрвандон нисбат ба фаъолияти кормандони бахши БДА мунтазам чораҳои дахлдор андешида мешавад. Мутаассифона, аксари хабарҳои воридшуда хусусияти умумӣ дошта, дар вақти санҷиш баъзеашон тасдиқи худро намеёбанд.

Чунончӣ, шикояти шаҳрванд З.Сатторова дар мавриди аз ҷониби автомошинаи номаълум пахш намудани писараш ва дар беморхона ба ҳалокат расидани ӯ ворид гардид ва шаҳрванд даъво намуд, ки кормандони милитсия парвандаи ҷиноиро гӯё қатъ намудаанд, вале санҷиш муайян сохт, ки парвандаи ҷиноӣ қатъ нагардида, ҳоло ҷустуҷӯйи ҷинояткор идома дорад.

Як далели бардурӯғ ва боғараз аз ҷониби сокини деҳоти Обурдони ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд шаҳрванд Азимов Мирзозафар Нозимович ворид гардидааст, ки номбурда нисбати сардори бахши шиносномадиҳиву бақайдгирии ҳамин ноҳия подполковники милитсия Абдурауф Абдунабиев муроҷиат намудааст. Мувофиқи шикояти ӯ подполковники милитсия Абдурауф Абдунабиев тӯли як сол барои гирифтани шиносномаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯро сарсон намудааст ва гӯё А.Абдунабиев танҳо ба наздикону пайвандон ва шиносҳои худаш хизмат мерасонидааст халос. Вобаста ба ин далел бо супориши вазири корҳои дохилӣ гурӯҳи махсуси корӣ таъсис дода шуда, фаъолияти сардори бахши шиносномадиҳиву бақайдгирии ШКД ноҳияи Мастчоҳ мавриди санҷиш қарор дода шуд. Маълум гардид, ки шикояти шаҳрванд Азимов Мирзозафар беасос ва бардурӯғ буда, ӯ баъди муроҷиати аввалааш ба хадамоти мазкур нарафтааст ва ҳангоми дар навбат истоданаш асабонӣ шуда, бо телефони боварӣ изҳори норозигӣ баён намудааст. Худи шаҳрванд Азимов Мирзозафар дар рафти санҷиш иқрор гардид, ки ҳолатҳои дар шикояти қайднамудааш асоси воқеӣ надоранд ва ӯ ин хабарҳоро аз рӯйи эҳсосот баён намудааст. Ҳамчунин ӯ зикр мекунад, ки «гумон надоштам ба занги телефонии ман чунин таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад ва намедонистам, ки телефони боварии мазкур зери назорати қатъии худи вазири корҳои дохилӣ қарор дорад».

Рӯзноманигори радиои «Озодӣ» Ҳарамгули Қодир тариқи телефони боварӣ занг зада, оид ба фаъолияти зершӯъбаи шиносномавию бақайдгирии ШКД-1 ноҳияи Рӯдакӣ шикоят намуда, иброз намудааст, ки гӯё як гурӯҳ шаҳрвандон дар мӯҳлати тӯлонӣ шиносномаҳои худро гирифта наметавонанд. Номбурда тавассути шабакаи интернетӣ дар торнамои сайти радиои «Озодӣ» бо ҳамин мазмун мақолаи «Мушкили шиносномагирӣ. Ҳам пул меравад, ҳам вақт» чоп намуда, ному насаби сокини ноҳияи Рӯдакӣ Гулбаҳор Назирдухтро дарҷ намудааст, ки гӯё сардори зершӯъбаи шиносномавию бақайдгирии ШКД-1 ноҳияи Рӯдакӣ ду моҳ боз ӯро барои гирифтани шиноснома саргардон менамояд ва ба ӯ бо дағалӣ гуфтааст, ки «ба куҷое, ки мехоҳӣ рафта шикоят кун, аз дастат чизе намеояд». Дар натиҷаи санҷиш муайян карда шуд, ки шаҳрванд бо номи Гулбаҳор Назирдухт дар ноҳияи Рӯдакӣ умуман истиқомат намекунад ва рӯзноманигор нисбати ин шаҳрванд рақамҳои телефонӣ ва дигар маълумот оид ба ҷойи кор ва зисти ӯро пешниҳод карда натавонист. Маълумотҳо оид ба шикояти шаҳрванд Г.Назирдухтро гӯё ӯ ба воситаи телефон дастрас карда бошад ва бе гузаронидани тафтишоти журналистӣ ва муайян намудани ҳолати аслии кор, беасос тавассути шабакаи интернетӣ мақола чоп намуда, тариқи телефони боварӣ ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намудааст.

Аз шумораи умумии хабарҳои воридгардида аллакай санҷиши беш аз 40 далел дар мӯҳлати муайянгардида ба анҷом расид, ки аз натиҷаи он ба шаҳрвандон ҷавобҳои муфассал ирсол гардидааст. Санҷиши далелҳои дигар идома дорад.

Зикр кардан зарур аст, ки бо вуҷуди воридшавии баъзе аз зангҳои беасосу бардурӯғ, тамоми маълумоти воридшаванда, сарфи назар аз шакли ошкоро ё махфӣ, эҳтимоли дуруст ё нодуруст буданашон тавассути телефони боварӣ пурра мавриди санҷиш қарор дода мешавад ва шаҳрвандон метавонанд бе ягон мамониат тариқи он муроҷиат намоянд.

Вазорати корҳои дохилӣ ба ҳамаи он нафароне, ки дар ошкору пешгирии ҷинояткорӣ ва рафъи камбудиҳои ҷойдошта дар ҷомеа саҳмгузор ҳастанд, изҳори сипос менамояд.

***Маркази матбуотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон***




## Ҳамкориҳои Бонки Рушди Осиё бо кишоварзон густариш меёбад

**ДУШАНБЕ.(Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»)** Тавре аз Маркази матбуот ва иттилооти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, дар ин ҷо вохӯрии муовини аввали вазир С. Рустамов бо намояндагони Бонки Рушди Осиё (БРО) доир гардид. Зимни вохӯрӣ тарафҳо оид ба рафти татбиқи лоиҳаи «Рушди деҳот» махсусан дар соҳаи кишоварзӣ изҳори ақида намуданд.

Ёдовар мешавем, ки мақсади лоиҳаи мазкур баланд бардоштани даромади кишоварзӣ ва ғайрикишоварзии аҳолии деҳот, афзудани маҳсулнокии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзии ноҳияҳои пилотӣ дар доираи устуворӣ, сохтори идоракунӣ ва муҳити зист, пешниҳоди кӯмак ва дастгирии хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва кооперативӣ, аҳолӣ ва соҳибкорони хусусии деҳот мебошад.

Айни замон дар шаҳру ноҳияҳои пилотии Рӯдакӣ, Варзоб, Файзобод, Ваҳдат ва Роғун як қатор корҳои амалӣ, аз ҷумла сохтмони роҳу кӯпрукҳо ва кашидани хати оби нӯшокӣ барои аҳолии деҳот бо дастгирии молиявии лоиҳаи мазкур ба анҷом расонида шудааст.

## Кишти пахта оғоз ёфт

**КӮЛОБ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Нахустин шуда, аъзои хоҷагии деҳқонии ба номи Зебо Гадоева аз деҳоти Кӯлоб ба кишти пунбадона оғоз намуданд. Раиси собиқадорони ҷангу меҳнати шаҳру навоҳии минтақаи Кӯлоб Мирзо Бекматов аз рӯйи анъанаи неки ниёгон тухмиҳои аввалинро ба замин пошид.

-Ҳамасола,- арз намуд вақти оғози маъракаи кишт муовини раиси шаҳри Кӯлоб Файзалӣ Қурбонов,- дар микёси ноҳия маъракаи киштро маҳз ҳамин хоҷагии деҳқонӣ шурӯъ менамояд ва мудом тавассути кордонию заҳмати аҳлонаашон ҳосили фаровону дилхоҳ ба каф меоваранд. Боварӣ дорам, ки дар мавсими ҷорӣ низ ба ин хоҷагӣ муваффақиятҳои арзандаи меҳнатӣ даст хоҳад дод.

## Корхонаи нави дӯзандагӣ

**АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ соҳибкори маҳаллӣ Машҳура Воҳидова корхонаи хурди дӯзандагӣ бунёд намуд. Машҳура ин иқдоми худро бо истифода аз шароити мусоиде, ки барои рушди соҳибкорӣ туфайли сиёсати Президенти кишварамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳайё шудааст, амалӣ намуд. Ҳоло дар коргоҳи нав беш аз 20 нафар духтарони маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин гардидаанд. Соҳибкор ният дорад, ки дар назди коргоҳ курси омӯзиши касби чевариро таъсис дода, оянда корхонаро васеъ ва шумораи ҷойҳои кориро барои духтарони маҳаллӣ зиёд намояд.

## Рӯзи қабули шаҳрвандон доир гардид

**ШАҲРИСТОН. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳристон рӯзи қабули шаҳрвандон аз ҷониби раиси вилояти Суғд Қоҳир Расулзода баргузор гардид.

Дар ин рӯз 83 нафар сокинони ноҳия бо арзу дархост ва мушкилоти ҷойдоштаашон ба роҳбарияти вилоят муроҷиат намуданд.

Мардум асосан оиди ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла таъмир ва сохтмони муассисаҳои тиббӣ ва маориф, роҳҳо, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ дархост карданд.

## Ниҳолшинонӣ вусъат меёбад

**СУҒД. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** То ин дам боғдорони вилояти Суғд дар майдони бештар аз 1480 гектар ниҳоли дарахтони мевадеҳу ток шинонидаанд, ки 39,7 фоизи нақшаи имсоларо ташкил медиҳад.

Боғдорони ноҳияҳои Конибодом, Бобоҷон Ғафуров ва Ашт ба бунёди боғҳои нав эътибори ҷиддӣ дода, ба дастовардҳои арзанда ноил гардидаанд. Аммо вазъ дар ноҳияҳои Истаравшан, Ғончӣ ва Мастчоҳ беҳбудӣ металабад.

Тибқи Барномаи давлатии рушди бунёди боғу токзори нав дар вилоят то соли 2014 бояд дар майдони 20 ҳазор гектар боғу токзори нав бунёд гардад.

## Маркази саломатӣ бунёд ёфт

**ВОСЕЪ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Сокинони деҳаи Қайнари болои деҳоти ба номи Мирзоалӣ Вайсови ноҳияи Восеъ тӯли 60 соли мавҷудияти деҳаашон бидуни ҳама гуна намуди нуқтаҳои хизматрасонӣ кору зиндагӣ мекарданд. Ниҳоят бо саъю талош ва маблағҳои шахсии сокини деҳа Талбак Раҳматов як Маркази саломатӣ иборат аз 5 ҳуҷраи корӣ сохта, ба истифода дода шуд. Акнун дар марказ ҳуҷраи модар, тибби оилавӣ, ташхис ва табобати дандон фаъолият намуда истодааст. Ин марди сахӣ зимни ифтитоҳи марказ ба ҳозирин рӯ оварда чунин гуфт:

-Мушкилоти солҳо дар самти хизмати тиббидоштаи ҳамдеҳагонам маро ба он водор намуд, ки бо сарфи 72 ҳазор сомонӣ ин Маркази саломатиро бунёд намоям. Ният дорам, ки рӯзҳои наздик ҳамаи таҷҳизоти зарурии тиббиро дастраси табибони марказ намоям.

## Оғози фестивали ҳафтаи китоб

**ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Дуюми апрели соли ҷорӣ Фестивали анъанавии ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон» оғоз ёфт. Ин дафъа ифтитоҳи ин ҷашнвора дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон сурат гирифт. Дар ҷамъомади ба ин муносибат барпогардида намояндагони вазоратҳои фарҳанг ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, олимону нависандагон, китобдорон, донишҷӯён ва рӯзноманигорон иштирок намуданд. Масъули ин Фестивали бонуфуз, ки сар то сари кишварро фаро мегирад, Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии бачагонаи ба номи Мирсаид Миршакар мебошад. Ин чорабинӣ то 9 апрел идома ёфта, давоми як ҳафта баргузории мулоқот бо адибон, маҳфилҳои адабӣ, викторинаҳо, намоишҳои китоб ва ғайра ба нақша гирифта шудааст.

## Маҳорати баланд нишон доданд

**ЗАФАРОБОД. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар шӯъбаи фарҳанги шаҳраки Меҳнатободи ноҳияи Зафаробод намоишномаи театрикунонидашуда таҳти унвони «Дарди бедаво» дар таҳияи ҳунарманд Ғоибназар Беков ба саҳна гузошта шуд. Бояд гуфт, ки Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғоибназар Беков яке аз мутахассисони варзидаи ноҳия дар соҳаи таҳияву режиссура маҳсуб ёфта, чандин асарҳои саҳнавиро ба тамошобинон пешкаш кардааст. Дар намоишномаи охирӣ, ки ба жанри мазҳака тааллуқ дорад, нақшҳоро асосан хонандагони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №14 бо маҳорати баланд иҷро карданд.

## Бозии рафиқонаи футбол

**ХУҶАНД. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар варзишгоҳи «20-солагии Истиқлолият» бозии рафиқонаи футбол байни дастаҳои «Хуҷанд» ва тими миллии Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор шуд.

Бозӣ бо ғолибияти тими футболи «Хуҷанд» (2:1) анҷом ёфт.

Тӯбҳоро Хуршед Лутфуллоев аз дастаи меҳмонон, Соҳиб Ҳакимов ва Пирмурод Бурҳонов аз дастаи «Хуҷанд» ба нишон расониданд.

***Масъули гӯша Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

**• Аз ҳаёти одамони наҷиб**

# АЁДАТИ НИКИТА СЕРГЕЕВИЧ ХРУЩЁВ

**Пас аз баромади «таърихии» котиби якуми КМ КПСС, Раиси Совети Вазирони СССР Никита Сергеевич Хрущёв соли 1956 дар Съезди XX Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ тамоми мардуми советӣ нисбат ба Хрущёв нафрат ва бадбинӣ пайдо намуданд. Худоназар Мамадназаров низ Никита Сергеевичро барои ин муносибаташ нисбат ба И.В.Сталин ва тарафдоронаш, махсусан Маршали Иттифоқи Советӣ, чаҳор карат Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Георгий Константинович Жуков, сахт бад медид.**

**Тифоқо айёме расид, ки мушти Хрущёв бар даҳони худаш расид. Ӯро 2 октябри соли 1964 дар Пленуми КМ КПСС аз вазифа барканор карданд. Кормандони Кумитаи бехатарии давлатии СССР таи ду сол Никита Сергеевичро зери назорати сахт гирифта, касеро наздаш намегузоштанд. Ин «назорат» то солҳои охири ҳаёташ давом кард. Агарчӣ Хрущёв дигар ба касе даркор ҳам набуд ва касе аз ӯ суроғ намекард.**

**Пас чӣ тавр раиси Комиҷроияи совети депутатҳои халқи шаҳри Душанбе Худоназар Мамадназаров барои ҳолпурсӣ ва аёдати Никита Сергеевич Хрущёв рафтааст?**

Тавре яке аз хешон ва дӯстони хонадони Мамадназаровҳо Давлат Мамадризобеков нақл мекунад:

-Раиси Комиҷроияи совети депутатҳои халқи шаҳри Душанбе Худоназар Мамадназаров ба хориҷи кишвар сафари корӣ дошт ва ҳини дар шаҳри Маскав буданаш мешунавад, ки котиби дуввуми КМ ПК Тоҷикистон Иван Григоревич Ковал бемор асту дар яке аз беморхонаҳои ҳукуматии шаҳри Маскав табобат мегирад. Аз савғои шаҳри Душанбе овардааш дар як коғазхалта себ, нок, ангур, мағзу мавиз гирифта, озими беморхона мешавад. Посбонон ва назоратчиён пас аз пурсупос ва дидани салобати баланди Х.Мамадназаров иҷозат медиҳанд, ки назди И.Г.Ковал дарояд.

Раиси шаҳри Душанбе вориди беморхона гардида, дар толор сӯҳбати ду тан беморро мешунавад:

-Бечора Никита Сергеевич Хрущёв зиёда аз як моҳ боз дар беморхона хоб аст, вале дигар касе ба дидорбинияш намеояд…

Худоназар Мамадназаров ин сӯҳбатро шунида, раҳмаш меояд ва назди тиреза рафта, коғазхалтаашро ду тақсим мекунад ва сӯйи палатае, ки Никита Хрущёв хоб буд, роҳ мепаймояд. Палатаи ӯро кормандони Кумитаи бехатарии давлатии СССР посбонӣ мекарданд ва онҳо аз ташрифи ногаҳонии Х.Мамадназаров дар ҳайрат монданд, зеро то кунун аз роҳбарон ё собиқ ҳамкорон касе ӯро хабар намегирифт ва агар нияти хабаргирӣ ҳам медоштанд, касеро наздаш намемонданд.



Инак, дар роҳрав сӯйи палатаи бемор Н.С.Хрущёв марди бузургҷуссаи босалобат ҷасурона роҳ мепаймояд. Посбонон лаҳзае ҳайрон монданд: Ин кӣ бошад?

Модоме аз даромадгоҳ иҷозат додаанд, ягон одами муҳим ва масъули давлатӣ будагист. Ба ҳар ҳол суол карданд:

-Мебахшед, шумо худро шинос мекардед ва ба аёдати кӣ омадаед?

-Ман раиси Комиҷроияи шаҳри Душанбе Худоназар Мамадназаров барои хабаргирии Никита Сергеевич Хрущёв омадам.

-Шумо бо Хрущёв шинос ҳастед?

-Бале, ҳангоми сафараш ба шаҳри Душанбе шинос шудем, - гуфт Х.Мамадназаров.

Барои кормандони Кумитаи бехатарии давлатӣ дигар шубҳае намонд.

-Марҳамат, дароед.

Вақте ки Худоназар Мамадназаров ба палата даромад, Никита Сергеевич Хрущёви пири озурда ва бемор бо тааҷҷуб ба раиси шаҳр нигоҳ кард.

-Салом Никита Сергеевич.

-Салом, салом. Оё мо бо ҳам шинос ҳастем? - пурсид Хрущёв.

-Бале, дар шаҳри Душанбе шинос шуда будем.

Пас Хрущёви солор аз кат нимхез шуда, қаду қомати Х.Мамадназаровро аз назар гузаронда гуфт:

-Ба хотирам омад. Шумо он шахсе нестед, ки тирамоҳи соли 1962 ҳангоми дар шаҳри Душанбе буданам, субҳи барвақт, ба хунукии об нигоҳ накарда, дар ҳавз оббозӣ карда будед?

-Худи худаш.

-Мебахшед номатон?



-Худоназар Мамадназаров.

Н.Хрущёв аз он ки ӯро шинохт, хеле хурсанд шуда, барои хабар гирифтанаш миннатдории худро баён намуд.

Пас раис яке аз коғазхалтаҳоро рӯйи мизи бемор гузошта гуфт:

-Ин савғои хоксорона аз Тоҷикистон.

-Ташаккур, ташаккури зиёд ба шумо, рафиқ Мамадназаров.

Миёни собиқ котиби якуми КМ КПСС ва Раиси Совети Вазирони СССР Никита Сергеевич Хрущёв ва раиси Комиҷроияи шаҳри Душанбе Худоназар Мамадназаров чанд лаҳза сӯҳбати самимӣ доир гардид.

Н.Хрущёв бемор бошад ҳам, шӯхиҳои ба худ хосро ҳар замон такрор мекард. Вақти хайрухуш бори дигар ҳайратомез ба раиси шаҳри Душанбе нигариста, пурсид:

-Истед, ки ба шумо чӣ тавр иҷозат доданд, ки наздам дароед? Охир, ба ҳолпурсии ман танҳо наздиконамро иҷозат медиҳанду халос.

Вале ба ҷуссаи бузург ва салобати раис нигоҳ карда, гапашро давом дод?

-Ба шумо баринҳо иҷозат надиҳанду рӯзашонро бинанд.

Пас муштaшро маҳкам карда гуфт:

-Зада маъюб мекунед.

Баъдҳо Худоназар Мамадназаров шиносоӣ бо Никита Хрущёвро ба хотир оварда, бо тарзи ба худ хос нақл мекард:

-Вақте ки рӯзҳои 1-3 октябри соли 1962 котиби якуми КМ КПСС, Раиси Совети Вазирони СССР Никита Сергеевич Хрущёв ба шаҳри Душанбе сафар дошт, дар Бӯстонсарои ҳукуматӣ қарор гирифт. Ман он солҳо дар вазифаи мудири корҳои Совети Вазирони РСС Тоҷикистон кор мекардам.

Субҳи барвақт соати $5^{30}$ ба Бӯстонсарои ҳукуматӣ рафта, аз рӯйи одат ба ҳавз даромадам. Азбаски ҳаво хунук буд, зуд пас гаштам. Бинам дар лаби ҳавзи шиноварӣ Никита Сергеевич Хрущёв бо ду тан ёваронаш. Ӯро дида, дубора ба об даромадам. Хеле хунук буд, аммо тоқат карда, ҳавзро як давр задам. Вале Никита Сергеевич ҳамоно маро назора мекард. Навбати саввум ҳавзро давр зада, бинам ки Хрущёв наздиктар омад. Дигар тоқати хунукӣ накарда, ноҷор аз об берун шудам.

Хрущёв ба ман наздик шуда, пурсид:

-Магар об хунук нест?

-Хунук, вале тоқат кардан мумкин,- гуфтам ман.

-Офарин, организми пурқувват доштаед. Вагарна ҳаво хунук аст, на ҳар кас ҷуръат мекунад, ки дар ин мавсим, дар ҳавз оббозӣ кунад, - гуфт Хрущёв ва бо ҳамроҳонаш аз назди ҳавз дур шуданд.

Ҳамин як лаҳзаи кӯтоҳи сӯҳбатамонро Никита Сергеевич нағз дар хотир доштааст.

Мақсад аз аёдати Хрущёв бошад, танҳо аз раҳмдилии Худоназар Мамадназаров буду халос, зеро Хрущёв дар пиронсолӣ азоби рӯҳӣ кашида, рӯзҳои сахтро аз сар мегузаронд.

***Тиллои НЕКҚАДАМ, «Садои мардум»***

## ● Аз фаъолияти маҷлисҳои вакилони халқ

# БУНЁДИ КОРХОНАҲОИ КОРКАРДИ МЕВА ЗАРУР АСТ

Дар яке аз иҷлосияҳои нахустини Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Мӯъминобод панҷ комиссияи доимӣ таъсис дода шуд. Аз он давра то имрӯз мо ҳашт маҷлиси комиссияамонро доир намудем. Азбаски ноҳияи мо кишоварзист, табиист, ки масъалаҳои дар он мавриди баррасӣ қарормегирифта низ асосан ба ин соҳа тааллуқ доранд.

Дар маҷлиси сеюми худ комиссия масъалаи «Дар бораи бунёд намудани 1000 гектар боғу токзорҳои нав дар ноҳияи Мӯъминобод барои солҳои 2010-2014»-ро мавриди муҳокима қарор дод. Дар натиҷа, панҷ ниҳолхона бунёд ёфт. Бо иқдоми фермерҳои алоҳида дар ду соли охир 491 гектар боғ ва 20 гектар токзор бунёд гардид.

Нақшаи бунёди боғҳои нав аллакай ба иҷро мерасад. Акнун масъалаи дигаре ба миён меояд. Агар қисме аз ин маҳсулот барои содирот пешбинӣ шуда бошад, пас маҳсулоти дигарро дар бозори дохилӣ бояд ба муомилот баровард. Аз ин ҷо зарурати бунёди корхонаҳои хурди саноатии коркарди мева пеш омад. Хушбахтона, дар ин самт бо ташаббуси раиси ноҳия П. Зарипов аллакай чор нафар соҳибкорон ҷалб гардидаанд. Дар ноҳия айни замон ду корхонаи хурди саноатӣ барои коркарди сабзавоту меваи хушк мавҷуд ҳаст, аммо онҳо иқтидори кам доранд.

Дигар чизе, ки меҳоҳам зикр намоям ин сохтмони ҳафт гармхона дар миқёси ноҳия мебошад. Кор, дар ин самт идома дорад ва майдони чунин гармхонаҳо ҳашт гектарро ташкил хоҳад дод.

Дигар масъалаҳое, ки дар маҷлисҳои комиссия муҳокима шуданд, ба пешрафти ғаллакорӣ, афзоиши чорвои майда ва ғайра мусоидат карданд. Маълум аст, ки ноҳияи Мӯъминобод аз растаниҳои доругӣ бой аст, вале истифодаи онҳо то инҷониб ғайримақсаднок буд. Комиссияи мо масъалаи мазкурро мавриди муҳокима қарор дод. Дар ин бора Барномаи давлатӣ оид ба парвариш, ҷамъоварӣ, коркарди гиёҳҳои шифобахш ва тайёр намудани доруворӣ аз онҳо барои солҳои 2005-2014 низ амал дорад. Бо ҳидояти вакилони мо ва бо ёрии доктори илмҳои тиб, устоди Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон Давлат Халифаев имсол соли сеюм аст, ки дар се деҳоти ноҳия парвариши растаниҳои доругии бобуна ва озариёна ба роҳ монда шудааст. Ба ин восита 450 нафар занони хонашин ба кор ҷалб гардиданд. Танҳо порсол аз ноҳия ба корхонаҳои дорусозӣ беш аз 3 тонна растанию меваҳои доругӣ фиристода шуд. Ривоҷи ин бахш дар ноҳия ояндадор аст.

Дар иҷлосияе, ки моҳи марти соли 2011 доир гардид, комиссияи мо дар назди вакилон оиди рушди соҳаи паррандапарварӣ ҳисобот дод. Агар соли 2010 дар ноҳия саршумори парранда 25 ҳазорро ташкил карда бошад, айни замон саршумори он ба 30 ҳазор расидааст. Фаъолияту истеҳсолоти фабрикаи паррандапарварии «Яккарча» ҳоло ба эътидол меояд. Дар ду соли оянда шумораи парранда дар ноҳия ба 80 ҳазор сар хоҳад расид. Аз ин хотир ният дорем, ки минбаъд ҳам оид ба қарорҳои қабулкарда, назорати иҷрои онҳо фаъолиятамонро вусъат диҳем.

***Ҷумъахон УСМОНОВ,***
***раиси Комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Мӯъминобод оид ба кишоварзӣ***

## ● Сатрҳои одаму одамгарӣ

# Донишҷӯёни накӯкор

Рӯзи 10 март. Шом наздик мешуд. Ману рафиқам Мирзоҳимат, пас аз ташвишҳои рӯз, сӯйи хона равона. Ба назди роҳи нави зеризаминии чорроҳаи «Садбарг» расидем. Мирзоҳимат кисаашро кофта, аз байни пулҳояш як сомонӣ баровард, то ин ки ба мошини хатсайри рақами 18 нишастан замон роҳкироро пардохт намояд. Пасон хотираш мушавваш гашту кисаҳои дигарашро низ кофтан гирифт. Дафтари қайдҳоро баровард. Даруни онро низ дид. Ҷайби чапу рост, костюму шимро низ чапаю роста кард.

-Чӣ мекобӣ?-луқма додем мо. -Ба назарам, ҳамон 25 сомонии бақия гирифтаамро дар кучое афтонидам ё болои пештахтаи мағоза монда омадаам,-гуфт вай. Хуллас, ҷустуҷӯи ӯ натиҷа надод. -Хайр, аз насибу тақдират бин! Ризқат набошад, нони даҳонат меафтад. Агар ризқу насиб бошад, аз осмон Худо медиҳад, -гуфтем ба тарзе ӯро хотирҷамъ карданӣ шуда ва роҳро сӯи истгоҳ давом додем. Ин ҳангом ду нафар- духтар ва ҷавонмарди хушлибосе ба мо баробар шуданд. -Аз паси шумо омада истода будем. Аз роҳ пул ёфтем. Шумо наафтонида бошед?- гуфт ҷавонмард ва пулҳои коғазии чорқатро нишон дод. –Ҳа, 25 сомонии ман гум шудааст, лекин намедонам, дар куҷо монда омадаам,-гуён Мирзоҳимат изҳори нохушӣ карда, илова намуд, ки агар пули ёфтагиатон бисёр бошад, аз они ман нест. -Не, гуфтаатон рост аст. Маблағи ёфтаи мо ҳамон қадар -25 сомонӣ аст. Бояд пули шумо бошад. Мана, гиред, ош шавад. Аз меҳнати ҳалолатон будааст,- гуфт ҷавонмард ва пулҳоро дароз кард. Ростӣ, аз рафтори неки ҷавонмард мо хеле ҳам хурсанд шуда, ба ӯ сидқан арзи сипосу миннатдорӣ кардем. Ҳарчанд маблағ ночиз бошад ҳам, рафтори накӯкоронаи ин ҷавонмард қурбу манзалати бузурге дорад. Охир, баръакси ҳол шудани ин амал ҳам мумкин буд. Баъди лаҳзае онҳо хайрухуш карда, роҳашонро давом доданӣ шуданд, ман насабу номашонро пурсидам. –Ман- Бекзод Тилавов, ҳамроҳам -ҳамкурси ман Шаҳноза Ҳоҷибоева, донишҷӯёни курси панҷуми Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ҳастем. Барои хотира ман лаҳзае диққати онҳоро ба худамон ҷалб карда, дар дастгоҳи суратгирӣ акс кардам.

● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ● ●

# Дасти сахои ҷавонмардон

Охирин рӯзҳои тирамоҳ. Мардум аз паи омодагӣ ба зимистон. Мо низ ба ҳамин мақсад бо мошинҳои КамАЗ ба кони ангишти Сайёд, Ҷамоати деҳоти Ромити шаҳри Ваҳдат омадем. Ронандаи мошини мо - Султон мошинро ба паҳлӯи роҳи ҷангали ақоқиё ронда, манъ кард. Аз кабина фаромада, ба резини баллонҳои мошинаш лаҳзае зеҳн монду гуфт: - Баллонҳо корношоям шуда, бебақо гаштаанд. Кундаҳои дарахтони аз ҷангал буридашуда зери баллонҳо омада, чанд ҷои онро дарронидаанд. Шакку шубҳаи ронанда, ки 40 сол собиқаи касбӣ дошт, асоснок баромад. Баъди ангиштро бор карда, ба деҳаи Сайёд наздик шуданамон садои кафидани баллон баромад. Аз мошин фаромада, дидем, ки як баллон кафида, вазни мошини пурбор ба як баллони дигар бор шуда, дуюмаш ҳам эҳтимоли пора шудан дорад. –Ҳар ду баллонро иваз кардан лозим меояд,-гӯён Султон ба кофта баровардани асбобу анҷоми таъмиргарӣ андармон шуд. Дар ин асно ҷавони навчаи хушқомате аз ҳавлии наздиктарин баромада, пеши мо омад ва салом дода, ҳолпурсӣ кард. Вай вазъу ҳоли ронанда, хотири мушавваши ӯро дида, ба асли воқеа сарфаҳм рафт ва чолокона аз замин калиду анҷомҳоро гирифта, гуфт:

-Акаҷон, ташвиш нашав. Падари ман айнан ана ҳамин хел мошин дорад. Борҳо чунин аҳвол ба сари мо низ омада буд. Ман ин корро хуб медонам. Шумо, меҳмон, ба соя гузашта, дам гиред, Ман худам ин корро анҷом медиҳам. Ҷавон ҳамоно аз паи кор шуд. Ронандаи мо лаҳзае нобоварона ба ин «бачаи ҳавасманд» нигариста монд, вале калидҳоро аз дасти ӯ нагирифт. Озмоишкорона ҳамоно ба ҳаракатҳои ҷавон менигарист. Ҷавон тарафи ҳавлӣ овоз дод:

-Иқболшоҳ, биё, як ба меҳмонҳо ёрдам тием! Лаҳҷаи ширини кӯҳистонӣ ва чунин рафтори накӯкоронааш ба мо хуш омад. Ҳамроҳи Иқболшоҳ додараш Фирӯз низ омад. Онҳо секаса шуда, чунон моҳирона кор мекарданд, ки гӯё таъмиргарони касбӣ бошанд. Ману ронанда чойи навакак овардаи Фирӯзро ба пиёлаҳо рехта, болои санги канори роҳ нишастем. Ду чархи резинии мошини калонро кушодану онро дам кардан заҳмати хеле вазнин аст, вале се нафар бачамардҳои кӯҳистонӣ озодонаю чолокона, бо шӯхию чақ-чақ, хеле устокорона ин амалро анҷом доданд. Шом шуд. Торикӣ батадриҷ гирду атрофро фаро мегирифт. Мо ба роҳи худ равон шуданро азм кардем. Иқболшоҳ гуфт: - Не, бародарон, хӯрок тайёр. То хӯроки шомро нахӯред, шуморо рафтан намемонем. —Не, шикампой ба манзил намерасад, беҳтараш барвақттар равем, ки ба ягон ободӣ расем,- иброз кардем мо.

-Аз ризқ рӯй нагардонед. Шумо, чӣ хел хайри одамонро қафо мегардонед,- гуфта Иқболшоҳ гапашро гузарониданӣ мешуд,-ва илова кард: -Фарҳод, бо меҳмонҳо рафтем. Пешдолони мо тайёр. -Ҳамин тавр, ин ҷавонмардони кӯҳистонӣ на танҳо ба мо ёрӣ доданд, балки дастархон ороста, меҳмондорӣ ҳам карданд. Дар рафти сӯҳбати сари роҳ маълум гардид, ки ҷавонмарди аввала Назаров Фарҳод, дуввумӣ Иқболшоҳ ва додараш Фирӯз Расуловҳо будаанд. Чанде пештар онҳоро суроғ кардем. Падари Иқболшоҳ-Бозор Расулов, моро воқиф кард, ки бачаҳо дар деҳаи Сайёд аз паи рӯзғору хондан, Фарҳод бошад, дар яке аз қисмҳои ҳарбии марбут ба қӯшунҳои сарҳадӣ хизмати Ватанро пеш мебарад.

***Кам бувад азми ҷавонмардӣ дар ин дунёи пир,***
***Ҳар кӣ дасти мо бигирад, эй Худо, дасташ бигир.***

***Ҳоҷӣ Саид АШӮР, афсари мустаъфӣ***

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 851/1-386 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | С. Талбаков 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 18 | 13.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 852/1-387 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | С. Талбаков 227-66-60 | Маводи сӯхтанӣ ва молиданӣ | сомонӣ | 42000 | 13.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 853/1-388 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | С. Талбаков 227-66-60 | Коғази А4 | кило | 2000 | 13.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 854/2-291 | Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои рӯҳии ноҳияи Рӯдакӣ | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 4 | 13.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 855/2-292 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №2, шаҳри Ваҳдат | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 56 | 13.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 856/2-293 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 14 | 13.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 857/2-294 | Муассисаҳои томактабии шӯъбаи маорифи ноҳияи И.Сомонӣ | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 5 | 13.04.2012 соати $10^{30}$ |
| 858/2-295 | Муассисаҳои томактабии шӯъбаи маорифи ноҳияи И.Сомонӣ | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои хоҷагидорӣ (зарф) | номгӯй | 8 | 13.04.2012 соати $11^{00}$ |
| 859/2-296 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 22 | 13.04.2012 соати $11^{30}$ |
| 860/2-297 | Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 65 | 13.04.2012 соати $14^{00}$ |
| 862/2-298 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Намаки техникӣ<br>Қуми шустагӣ | тонна<br>$м^3$ | 600<br>1500 | 24.04.2012 соати $14^{30}$ |
| 861/3-151 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири боми бино бо тунукаи рӯҳандуда | тибқи санади нуқсонӣ | | 24.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 863/3-152 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии роҳравҳо ва тахтасанг | тибқи санади нуқсонӣ | | 24.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 864/3-153 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи . Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Х. Исмоилов 227-04-75 | Сохтани толорҳои наврӯзӣ дар боғи Ғалаба | тибқи санади нуқсонӣ | | 13.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 865/3-154 | Раёсати сохтмони асосии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони хонаи истиқоматӣ барои афсарон дар ноҳияи Айнӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 24.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 866/3-155 | Раёсати сохтмони асосии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони иншооти ёрирасон дар (девори атрофӣ) қисми ҳарбии 06870 дар Фахробод | тибқи санади нуқсонӣ | | 24.04.2012 соати $10^{30}$ |
| 867/3-156 | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони бинои муҳандисӣ - омӯзишии Муассисаи «Обуҳавошиносӣ»-и шаҳри Душанбе | тибқи санади нуқсонӣ | | 13.04.2012 соати $9^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда, пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

# Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СУРОҒАИ КОРХОНА: ШАҲРИ ДУШАНБЕ, ХИЁБОНИ РӮДАКӢ 44 (ОШЁНАИ 2-ЮМ). ТЕЛЕФОН:221-73-74, ФАКС: 221-49-87.**

### Музоядаи англисии №1/1-ро оид ба фурӯши саҳмияҳои ба давлат тааллуқдоштаи ҷамъияти саҳомӣ эълон менамояд

| т/р | Номи ҷамъиятҳои саҳомӣ | Суроға | Намуди фаъолият | Теъдоди саҳмияҳо дар 1 лот | Теъдоди лотҳо (дона) | Ҳаҷми 1 лот дар сармояи оинномавии ҶС (бо фоиз) | Нархи ибтидоии лот (бо сомонӣ) | Қарзҳои кредитории ҶС (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ҶСК «Истаравшанхишт» | вилояти Суғд, шаҳри Истаравшан, кӯчаи Гулистон | истеҳсоли хишт | 539 | 1 | 100 | 1078000 | 365015 |

**Музояда 4 майи соли 2012 соати $10^{00}$ дар шаҳри Душанбе бо суроғаи хиёбони Рӯдакӣ 44 (ошёнаи 2-юм) баргузор мегардад.** Барои иштирок кардан шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ даъват мешаванд. Бақайдгирии иштирокчиён бо суроғаи нишондодашуда дар рӯзи корӣ гузаронида шуда, як соат пеш аз саршавии музояда ба охир мерасад. Музояда мувофиқи «Низомнома дар бораи тартиби фурӯши иншоотҳои моликияти давлатӣ дар музоядаҳо», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №98 аз 1 марти соли 2004 тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад.

Низомномаро аз Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ ва намояндагиҳои (филиалҳои) дар маҳалҳо воқеъбудаи он харидан мумкин аст. Ҳамаи хоҳишмандон ҳуқуқ доранд дар рӯзҳои корӣ бевосита ба корхонаҳое, ки саҳмияҳояшон барои фурӯш дар музояда гузошта шудааст, рафта, бо фаъолияти молиявию хоҷагии онҳо шинос шаванд.

Барои бақайдгирӣ дар музояда иштирокчиён ҳуҷҷатҳои дар Низомнома нишондодашударо пешниҳод менамоянд ва кафолатпулиро ба миқдори 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот пардохт мекунанд. Кафолатпулӣ тариқи нақдӣ дар рӯзҳои корӣ дар суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 (ошёнаи 2-юм) қабул карда мешавад ва як соат пеш аз саршавии музояда қатъ мегардад.

Пардохти ғайринақдӣ ба суратҳисоби 20202972710600000929, ҳисоби муросилотӣ 20402972413691, БИК 350101369, ИНН 020015226 филиали «Ориёнбонк»-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ қабул карда мешавад ва як рӯз пеш аз оғози музояда қатъ мегардад. Кафолатпулие, ки ғолиб супоридааст, ба нархи хариди лот ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши саҳмия месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро аз ҷониби ташкилкунандагони музояда бо телефонҳои Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 221-73-74, 221-49-87 гирифтан мумкин аст.

Эзоҳ: **КВД оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дуруст будани қарзҳои кредиторӣ кафолат намедиҳад.**

# Государственное унитарное предприятие по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан

**РАСПОЛОЖЕННОЕ ПО АДРЕСУ: ГОРОД ДУШАНБЕ, ПР. РУДАКИ 44, ТЕЛЕФОН 221-73-74, ФАКС 221-49-87**

### Объявляет английский аукцион № 1/1 по продаже принадлежащих государству акций акционерных обществ (АО)

| п/н | Наименование акционерного общества | Местонахождение | Вид деятельности | Кол-во акций в 1 лот | Кол-во лотов (штук) | Объем 1 лота в уставном фонде АО (в %) | Стартовая цена лота (в сомони) | Кредиторские задолжности АО (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ОАО «Истаравшанхишт» | Согдийская область, город Истаравшан, улица Гулистон | Производтст-во кирпича | 539 | 1 | 100 | 1078000 | 365015 |

**Аукцион состоится 4 мая 2012 года в $10^{00}$ часов в городе Душанбе по адресу: пр. Рудаки 44 (2-й этаж).** Для участия приглашаются физические и юридические лица. Регистрация участников производится по адресу проведения аукциона в рабочее время и заканчивается за час до начала аукциона.

Аукцион проводится в соотвествии с «Положением о порядке продажи объектов государственной собственности на аукционах» утвержденное Постановлением Правительства Республики Таджикистан за №98 от 1 марта 2004 года. Текст положения может быть приобретен желающими у ГУП по организации продаж госимущества и его территориальных филиалах.

Для ознакомления с финансово-хозяйственной деятельностью предприятий акции, которых выставляются на аукцион, все желающие имеют право доступа на предприятие в рабочее время. Для регистрации участников в аукционе необходимо представить документы указанные в Положении и оплатить гарантийный взнос (ГВ) в размере 350 показателей для расчетов за один лот.

ГВ принимается наличными в рабочее время по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44 (2-й этаж) и заканчивается за час до начала аукциона. Безналичная оплата производится на расчетный счет 20202972710600000929 к/сч. 20402972413691. БИК 350101369. ИНН 020015226. Филиал Ориёбанка района Исмоили Сомони и заканчивается за день до начало аукциона.

ГВ Победителя аукциона засчитывается в счет оплаты цены продажи лот. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продовца комиссионнный сбор в размере пяти процентов и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному адресу: телефонам Государственного унитарного предприятия по продаже государственного имущества 221-73-74, 221-49-87.

Примечание: **ГУП по организации продаж госимущества не гарантирует достоверность данных кредиторских задолженностей.**

● Таҷрибаи илмӣ

# МУҒЧАПАЙВАНДИ КАРТОШКА ДАР БОИМҶОН



*Мӯғчапайванди картошка дар ниҳоли боимҷон (сентябри соли 2009)*

Картошка, помидор, боимҷон, қаламфур ва тамоку ба оилаи авранҷгулон мансубанд. Олимон барои зиёд намудани миқдори гулкунии растании картошка ва бо ин восита ба даст овардани ғӯрраю тухмакҳои ботаникии баъзе аз навъҳои нодири картошка, усули пайвандро истифода менамоянд. Махсусан, барои ба даст овардани ғӯраю тухмакҳои ботаникии баъзе аз навъҳои нодири картошка, ки қобилияти ками гулкунӣ ва мевабандӣ доранд, чунин намуду навъҳои ин зироатро дар растаниҳои зироатҳои помидор, боимҷон, қаламфур ва тамоку пайванд намуда, қобилияти гулкунӣ ва мевабандии (ғӯрабандии) картошкаро зиёд мегардонанд. Таҷрибаҳо оиди барангезонидани ҷараёни гулкунии картошка ва гузаронидани ҷуфткунии навъҳои гуногуни картошка махсусан дар корҳои селексионӣ ва барои ба даст овардани навъи нави картошка аҳамияти калон доранд. Олимони соҳа дар чунин таҷрибаҳои пайвандкунии картошка бо дигар зироатҳо одатан қаламчаҳои ниҳоли картошкаро, ки якчанд муғча дорад, истифода мебаранд. Вале мо дар таҷрибаҳои хеш усули дар илм ҷойдоштаро сайқал дода, аввалин шуда, дар таҷрибаҳои илмиамон усули истифодабарии як дона муғчаи бағалии барги картошкаро дар танаи ниҳоли боимҷон санҷида, натиҷаи амалӣ ба даст овардем. Дар таҷрибаи илмӣ аз навъи боимҷон - «Аврора», ки дар ҷумҳурӣ ноҳиябандӣ шудааст ва аз наъи нави картошка – «Тоҷикистон», ки дар Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академия илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда, соли 2011 ба Комиссияи давлатии навъсанҷӣ ва ҳимояи навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумхурии Тоҷикистон супорида шудааст, истифода кардем.

Бояд зикр намуд, ки чунин усули муғчапайванди картошка, ки одатан ин усули пайванд дар боғдорӣ хеле маъмул аст ва таърихи садсолаҳо дорад, аввалин маротиба дар Институти ботаника, физиология ва генетикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Ҷустуҷӯи мо ва ходимони Муассисаи давлатии Тоҷикистон оид ба ҳимояи зеҳнӣ нишон дод, ки чунин таҷриба ҳоло дар ягон мамлакати дунё гузаронида нашудааст. Вале вақте ки мо аз кормандони ин ташкилоти бонуфузи ҷумҳурӣ ба қайд гирифтани чунин кашфиётро хоҳиш намудем, дар ҷавоб ба мо гуфтанд, ки онҳо чунин иҷозатро надоранд? Пас кашфиётҳои олимони тоҷикро кадом ташкилот бояд ба қайд гирифта, ба ҷаҳониёнр муаррифӣ намояд? Мо ба он назарем, ки қайди тадқиқотҳои илмиро дар ҷумҳурӣ минбаъд ба роҳ монда, кашфиётҳои илми тоҷикро ҳифз ва пешкаши оламиён бояд намуд.

Дар натиҷаи гузаронидани 107 дона муғчапайванди картошка дар танаи ниҳоли боимҷон 27 дона муғчапайванд часпида, афзоиш намуд, ки 25, 2 фоизи муғчаҳои пайвандшударо ташкил дод. Мо



*Афзоиши столонҳои картошка дар танаи ниҳоли боимҷон (ноябри соли 2009)*

барои гузаронидани чунин таҷрибаи нодир аз ниҳолҳои ҷавони картошка, ки аз лӯндаҳои дар нимаи дуюми моҳи август киштшуда сабзида буданд, истифода намудем Вақте ки қади ниҳолҳои картошка ба 20-25 см расид, мо бо ёрии алмоси тез як дона муғчаи бағали баргро аз танаи ниҳоли картошка бурида гирифта, дар танаи ниҳоли боимҷон ба шакли ҳарфи «Т» пӯстро буридем ва муғчаи картошкаро дар он ҷой намуда, аз қисми поёнӣ ва болоӣ чои муғчапайвандиро бо плёнкаи тунуки шаффоф баста мондем. Қисми муғча кушод ва монда шуд, ки аз он муғча нафас гирад. Дар қисми болоии танаи ниҳоли боимҷон ду –се дона барг барои гузаронидани фотосинтезу ҳаракати моддаҳои ғизоӣ дар танаи ниҳоли боимҷон ва часпидани мӯғчаи пайвандшуда нигоҳ дошта шуданд. Баъди гузаштани 8-10 рӯз муғчаи пайвандгаштаи картошка дар танаи ниҳоли боимҷон сабзида, аз он муғча барг, тана ва решаҳои меваҳосилкунанда (столонҳо) пайдо гаштанд. Бинобар сабаби он ки муғчаҳои пайвандшуда дар танаи ниҳолҳои боимҷон дар баландии 20-40 см гузаронида шуда буданд, имкони пайдо гаштани лӯндаҳо дар танаи ниҳоли боимҷон нашуд. Акнун ҳоло назди мо вазифаи дар танаи ниҳоли боимҷон ба қабати хок наздик (дар баландии 5-10 см аз қабати хок), баъди часпидани муғчаи пайвандшудаи картошка, столонҳои пайдошударо зери хок намудаи ва аз чунин растание, ки дар танаи ниҳоли боимҷон аз муғча сабзонида шудааст, лӯндаҳо ва ғӯраю тухмакҳои ботаникии картошкаро ба даст овардан истодааст. Мо фикр дорем, ки дар оянда бо роҳи муғчапайванд ва омезиши ҳуҷайраҳо ва бофтаҳои ин ду зироати оилаи авранҷгулон бо усули муғчапайванд, тағйирёбии баъзе аз нишонаҳои картошка, аз қабили таркиби химиявии лӯндаҳо, ба касалиҳо тобоварӣ ва дигар хусусияту нишонаҳои картошка ва боимҷонро дар натиҷаи муғчапайванди онҳо мавриди омӯзиш қарор диҳем. Натиҷаҳои ба дастомада минбаъд дар корҳои илмӣ ва дар ба даст овардани тухмиҳои солими картошка мусоидат хоҳад намуд.

Ҳамин тариқ дар натиҷаи гузаронидани муғчапайванди картошка дар пояи ниҳоли боимҷон сабзиши растании картошка ба даст оварда шуд. Муғчаи бағалии барги картошка дар натиҷаи истифодабарии усули мӯғчапайванд дар танаи ниҳоли боимҷон сабзида, барг, тана ва столон ҳосил намуд. Ин таҷриба нишон дод, ки бо роҳи муғчапайванд имконият пайдо мегардад, ки дар танаи ниҳоли боимҷон муғчаи бағалии барги картошка сабзида, барг, тана ва столон пайдо намояд.



*Сабзиши баргу танаи картошка дар танаи ниҳоли боимҷон (ноябри соли 2009)*

***Қурбоналӣ ПАРТОЕВ,***
***ходими калони илмии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***Қурбоналӣ МЕЛИКОВ,***
***ходими калони илмии Институти боғдорӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон***




# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Озмуни №8-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ 23 апрели соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Мавқеи ҷойгиршавии объекти иҷора | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора | Мӯҳлат и иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Хобгоҳи ҶСК «Холматиён» | ш. Душанбе, к. Нахимов 64/3 | бинои хобгоҳ бо масоҳати умумии 1989,9 $м^2$ | манзили истиқоматӣ | 12528 | 5 сол |
| 2 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев 42/2 | 6 утоқ дар ошёнаи 1-ум бо 29 адад воситаҳои асосӣ, масоҳаташ 150 $м^2$ | хӯроки умумӣ | 8498 | 3 сол |
| 3 | КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш. Турсунзода | масоҳати 36 $м^2$ дар ошёнаи 1-уми сехи электролизии корхона | истеҳсолӣ | 1284 | 1 сол |
| 4 | Маркази миллии тиббӣ | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ 59 | масоҳати 11 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи 1-уми даромадгоҳи бинои № 4 | савдо | 2450 | 5 сол |
| 5 | МД «Маркази илмии саратоншиносӣ» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ 59 а | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 6 $м^2$ | хизматрасонии тиббӣ | 717 | 1 сол |
| 6 | Меҳмонхонаи «Ширкент»-и КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш. Турсунзода | 1 утоқи корӣ ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 16,8 $м^2$ | истеҳсолӣ | 828 | 1 сол |
| 7 | КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш. Турсунзода | масоҳати 3 $м^3$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | савдо | 672 | 1 сол |
| 8 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш. Душанбе, х. С. Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 10,5 $м^2$ | маъмурӣ | 1007 | 2 сол |
| 9 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш. Душанбе, к. Титов 32/2 | масоҳати 45,02 $м^2$ аз ҳисоби биноҳои фурудгоҳ | ҷойгиркуни и реклама | 9920 | 1 сол |
| 10 | КВД «Нафтугаз ва ангишт» | ш. Душанбе, к. Мушфиқӣ 77 | масоҳати 273 $м^2$ аз ҳисоби таҳхонаи бино | хӯроки умумӣ | 4457 | 3 сол |
| 11 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш. Душанбе, к. Титов 32/2 | масоҳати 5 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди фурудгоҳ барои гузоштани 1 адад дӯкон | савдо | 2676 | 1 сол |
| 12 | Консерваторияи миллии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҳусейнзода 155 | масоҳати 46,7 $м^2$ дар таҳхонаи бино | истеҳсолӣ | 3931 | 2 сол |
| 13 | Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Саид Носир 33 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 7 $м^2$ | маъмурӣ | 1187 | 1 сол |
| 14 | Маркази миллии ташхис | ш. Душанбе, к. Деҳотӣ 48 | масоҳати 2 $м^2$ аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 561 | 3 сол |
| 15 | Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Шамсӣ 5/1 | масоҳати 2 $м^2$ аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 552 | 3 сол |
| 16 | Шабакаи телефонии шаҳри Душанбе | ш. Душанбе, к. Бухоро 47 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 33,21 $м^2$ | маъмурӣ | 3399 | 1 сол |
| 17 | Идораи давлатии хоҷагии оби поёноби Кофарниҳони ноҳияи Шаҳритус | н. Шаҳритус, шаҳраки Бинокор | 3 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 78,32 $м^2$ | хӯроки умумӣ | 636 | 1 сол |
| 18 | КФ КВД «Почтаи тоҷик» дар вилояти Хатлон | ш. Қӯрғонтеппа, к. Норинов 8 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 77 $м^2$ | савдо ва маъмурӣ | 1317 | 1 сол |
| 19 | Маркази таълимии судяҳои назди Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Карамов 20 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-уми меҳмонхонаи марказ, масоҳаташ 64,8 $м^2$ | хӯроки умумӣ | 2037 | 1 сол |
| 20 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | ш. Хуҷанд, к. Фурудгоҳ 15 | масоҳати 104,94 $м^2$ аз ҳисоби аэровокзали фурудгоҳ | савдо | 3571 | 1 сол |
| 21 | КВД «Суғдобсохтмон» | ш. Хуҷанд, к. К. Хуҷандӣ 106 | 3 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-уми бинои маъмурӣ, масоҳаташ 40,8 $м^2$ | маъмурӣ | 2260 | 1 сол |
| 22 | Корхонаи воҳиди давлатии кино ва видеои «Тоҷиккино» | ш. Душанбе, к. Спортивная 5 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 24 $м^2$ | истеҳсолӣ ва савдо | 423 | 1 сол |
| 23 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш. Душанбе, х. С. Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 16 $м^2$ | маъмурӣ | 2685 | 1 сол |
| 24 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш. Душанбе, к.Титов 32/2 | масоҳати 0,4 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои фурудгоҳ барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ | техникӣ | 588 | 1 сол |
| 25 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш. Душанбе, к. Титов 32/2 | масоҳати 0,54 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои фурудгоҳ барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ | техникӣ | 419 | 1 сол |
| 26 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 141 | масоҳати 10 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | савдо | 1110 | 1 сол |
| 27 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 141 | масоҳати 4 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | савдо | 533 | 1 сол |
| 28 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 141 | масоҳати 2 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | савдо | 222 | 2 сол |
| 29 | Институти гастроэнтерология | ш. Душанбе, к. Маяковский 2 | масоҳати 60 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди институт | техникӣ | 17251 | 1 сол |
| 30 | Комбинати полиграфии ш. Душанбе | ш. Душанбе, к. Айнӣ 126 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 24 $м^2$ | истеҳсолӣ | 1281 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии озмун- **ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 44.** Тел: **221-73-74, 221-33-66.**

Озмун **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як объект баробар аст.

Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар холати ғолиб баромадан Иҷорагир ба ҳисоби Корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби Корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши объекти иҷора дохил намешаванд. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо нишонии зерин: ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 44, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ТАСҲЕҲ

КВД оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ хабар медиҳад, ки дар Озмуни №7 оид ба иҷора додани амволи давлатӣ («Садои мардум» № 33 (2860) аз 20 марти соли 2012), ки 13 апрели соли 2012 баргузор мешавад, тавзеҳоти объекти иҷораи №16, «4 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум бо 21 адад воситаҳои асосӣ, масоҳаташ 285,6 $м^2$» хонда шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Ахмедов Саидджон Файзиевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0177021 бо РЯМ 0230026922 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе 13 апрели соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Тошбойев Соҳиб Муминович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0201384 бо РЯМ 0430104840 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 16 феврали соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

ҶДММ «Шикебоз», дорои РМА 120032705, воқеъ дар ноҳияи Фархор, кӯчаи Чапаев 7, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Шарипов Хайриддин, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0188976 бо РЯМ 0930057462 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 9 декабри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи хазинадории (чековая книжка) гумшудаи Е8 № 078151-078200, ки онро ҶСК «Агроинвестбонк»-и шаҳри Душанбе соли 2011 ба ҶДММ «Сарикиштӣ» додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии № 1328/11-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ соли 2011 ба Ниёзов Некбахт Саидович додааст, эътибор надорад.

Аҳли кормандони идораи рӯзномаи «Садои мардум» ба муовини котиби масъули рӯзнома Муҳаммадзокир Худойназаров бинобар даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 2 апрели соли 2012, соати 19.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26800 нусха

Навбатдори шумора Некқадамов Тилло

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова